Субҳон Ҷалилов

# Аз қалъаи дил то Қалъаи Сангин

Душанбе - 2021

ББК 84 тоҷик 7-5+82,3(2 тоҷик)
Ҷ – 26

Муҳаррир:
Ҷӯрабек Мӯъмин

Субҳон Ҷалилов.
Душанбе, 2021, 181 саҳ

ISBN 978-99985-64-11-4

**© Субҳон Ҷалилов, 2021**



# АЗ МУҲАРРИР



Ҳар андешаманд агар ба ашъори Субҳон Ҷалилов тавaҷҷӯҳ зоҳир намояд, ба ягон андешаи жарф мефаҳмад, ки ӯро марги Модар шоир кардааст, дурусттараш, ғами Модар. Марги Модар барои ӯ “чӯби алам гаштаву қомати шеър” шуда.

Барои модар ғами фарзанд болотар аз ҳамаи дигар ғамҳост. Вале модаре, ки воқеан азизи дилу ҷон аст, бори ғами набудани ӯ гаронтарин ғами фарзанд мешавад. Модар ба Субҳону Субҳон ба Модар мисли нафас азизанд. Аз ҳамин ҷост, ки марги модар Субҳонро сахт такон дода, ба ҳақиқат шоир кардааст. Шеъри ӯ “оташи ҷонгӯдози ҷудоӣ аз модар” аст. Ҳамин рубоии устоди калом Бозор Собир басанда аст, ки дигар дар мавриди ғам ва шеър гапро ба дарозо набарем.

*Гӯянд, ки шеър мояи дарду ғам аст,*
*Шоир нашавад, касе, ки ӯ беалам аст.*
*Ҳар қатраи вожае, ки дар дафтари мост,*
*Чун хуни чакида аз димоғи қалам аст.*

Гумон надорем, ки Субҳон Ҷалилоа пеш аз модарнома навиштан, ягон шеъраке эҷод накарда бошад. Зеро, офаринише, ки дар ин китоб ворид шудааст, башорати ҳунару истеъдоди шоирист.

Мусаллам аст, ки ашъори каммоя, беарзиш ва аз масъулияти ҳунарӣ орӣ ба хонандаи закӣ писанд намеояд. Ба шеъри Субҳон Ҷалилов набояд аз оинаи чунин ақида нигоҳ кард. Чунки рубоиҳои ӯ, қитъа ё дубайтиҳояш самимӣ, сидқан ҷигарӣ, дилнишин ва лоиқи ба такрор хондан ҳаст. Субҳон Ҷалилов сохта, сатҳӣ, беранг намегӯяд. Шеъри ӯ садои зангӯлаҳои ғами дили ӯст, ки аз диду тасаввуру му-

шоҳидаи ҳарлаҳзаина рӯ задаанд. Ҳар модаргумкардаро ашъори ин китоб ба сӯйи худ мекашад. Барои мисол:

*Бе оча тамоми зиндагӣ пуралам аст,*
*Сад ҷони ширин барои як оча кам аст.*
*Аз дарду фироқ ба сина ду Кӯҳи Мазор,*
*Аз гиряи ман ду дида Элоки ғам аст.*

Дар адабиёти форсӣ-тоҷикӣ машҳуртарин шоирони модарноманавис Эраҷ Мирзо (Эрон), устод Мирзо Турсунзода ва Лоиқ Шералӣ ҳастанд. Воқеан, "Гӯянд маро чу зод модар..." машҳуртарин шеър аз модарномаҳост, ки фақат Эраҷ Мирзо гуфта тавонистааст. Дуруст аст, ки адабиёти классикӣ достонҳои "Юсуфу Зулайхо", "Бежан ва Манижа", "Вис ва Ромин", "Шодбаҳру Айнулҳаёт" дораду Низомии Ганҷавӣ бо "Лайлӣ ва Маҷнун" тасвири занро арзанда офаридааст. Аммо зан ҳамчун модар дар адабиёти классикӣ он қадар нақши бориз надорад. Воқеан, аз масъалаҳои муҳиме, ки дар ашъори Низомӣ қарор дорад ва "Низомӣ оид ба ин масъала шоири нававар даниста мешавад, ҳунари тасвири зан ва онро то ба дараҷаи типи бадеӣ офаридани ӯст" (Ҳафиз Раҳмон). Устод Мирзо Турсунзода дар ин бобат ба Низомӣ чунин баҳо медиҳад: "Шояд тасвири ишқи сӯзони зани дӯстдоштааш Офоқ бошад, ки Низомӣ нисбат ба зан ин тавр муносибат доштан аз муносибати соф ва содиқона ба инсон доштан ба майдон омадааст".

Шоирони рус, амсоли А. Блок, С. Есенин, М.Светаева ва А. Ахматова дар васфи модар шеърҳои хуб доранд, вале ҳадафи онҳо панд додану ба хулқи нек ҳидоят кардан аст. Ҳарчанд Субҳон Ҷалилов шеърашро барои таскини дили худ мебахшад, онро моли адабиёт ҳисобидан арзиш дорад.

Чаро не, ки ба унсурҳои асосии шеър – мавзӯъ, вазн, қофияву радифу таносуб ва аз ҳама асосӣ – шеърият ҷавобгӯянд. Гапи дигар ҳаст, ки шеърро на унсурҳои шеър, балки андешаи шигифту шигарф шеър мекунад. Аслан шеър аз решаи шуур аст, ба ифодаи устод Бозор Собир "ҷӯшу хурӯшу туғёни хуни бадан, заррабони дилу тапидани набз". Баёни Субҳон равону ҷавҳардор, тасвирҳояш зебову диққатрабоянд.

Субҳон Ҷалилов андешаи Мирзо Саъдӣ (Саъдӣ Мирзоев)-ро дорад, ки гуфтааст:

*Даъвои шоирӣ нанамудам ба умри хеш,*
*Зеро, ки шоирӣ зи азал кори дигар аст.*
*Дар кулбори шоириям шеър не, ғам аст,*
*Дард асту доғу ҳасрату пиндори дигар аст.*

Мо Субҳон Ҷалиловро барои шоир будан, барои ин китобаш табрик мегӯем (аслан касе, ки рӯбоии сара гуфта тавонад, нишони шоирӣ дорад).

Хулосаи калом, "Аз қалъаи дил то Қалъаи Сангин"-ро бе дарду ҳасрату алами бемодарӣ мутолиа кардан муҳол аст, убол аст.

**Ҷӯрабек МУЪМИН**
**адиб**

# АЗ МУАЛЛИФ



Номи ин китоб дертар, баъди иншо шудани қариб ҳама рубойиву дубайтӣ ва ёддоштҳо пайдо шуд. Аз миёни бештар аз 15 ном "Аз қалъаи дил то Қалъаи Сангин" барои ман бештар писанд омад. Хаёл мекунам бо будани модарам мо ҳам сокини қалъаи дил, мулки ободу зебову хостание будем, ки бо рафтанаш ба гӯристони кӯҳнае дар атрофи Қалъаи Сангин, аз қалъаи аввал чизе намонд, ҳама чиз фурӯ шикасту рехт, пареш хӯрду гум шуду аз миён рафт.

Гӯристони имрӯзи мардум дар зодгоҳи ман хеле кӯҳна аст ва исботи ин мавҷуд будани гӯрҳои куҳнаест, ки соҳибони онро шояд касе ёд надошта бошад. Боқимондаи қалъаҳо ва нишонаҳои дигарро имрӯз дар он майдони васеъ, ки поинтари он гӯристон аст, мебинем. Ҳама он харобаҳо, боқимондаи қалъаҳо, ёдгориҳо ва бозёфтҳое, ки дар як ковиши кӯтоҳе ба даст омадааст, баёнгари қадимӣ ва дорои таърихи бой будани Вашгирд аст. Ин мавзеъ бо дар худ ғунҷонидани турбати поки Хоҷа Ҳотами Ассам барои ҳар сокини Вашгирд муқаддас асту мояи ифтихор. Ва ин шарҳи мо ҳам ба ин хотир аст, ки хонандаи гиромӣ пайванди нозукеро миёни модари мову қалъаи дилу Қалъаи Сангин эҳсос кунад.

Акнун, фикр мекунам, ин як роҳи кӯтоҳи миёни хонаи мо ва харобаҳои Қалъаи Сангин, ки то имрӯз саду як асрори нуҳуфта дар худ доштанд, боз як сирри дигарро ҳам ҷовидонӣ нигоҳ хоҳанд дошт. Аз дохили гӯристони погаҳи Қалъаи Сангин боқимондаи он қалъа, оромгоҳи Хоҷа Ҳотами Ассам ва теппаҳои дигари таърихӣ, ки шояд шоҳиди саду як фоҷиаву рафту омад ҳастанд, хуб ба назар мерасанд. Акнун ҳар дафъае, ки ба зиёрати Хоҷаи Ҳотам равам, аввал зиёрати қалъаи дили худ – оромгоҳи очаамро мекунам. Ин қалъа бароям аз ҳамаи дигар қалъаҳо қиммати бештар дорад, он қалъаи таскини дили ман аст. Он очаи

хушрӯву хушгуфтори ман, духтари Қаландар, ки хираду ғурури воло дошт, аз хоксорӣ ҷовидонӣ манзил гирифта дар погаҳи Қалъаи Сангин, дар остонаи оромгоҳи кӯҳна ва дар ҳудуде кӯҳнатар аз он оромгоҳ...

Теппаҳои пурасрор ва барои ман азиз дар қатори теппаҳои ҳудуди Қалъаи Сангин бо рафтани очаам акнун якто бештар шуданд ва он санге, ки ман то зинда буданам мисли ҳар муарриху бостоншинос гарду чанги рӯяшро пок мекунам, санги гӯри очаам аст...

***Аз таърихи Вашгирд ва Қалъаи Сангин***

*Фирдавсӣ дар шоҳасари худ - “Шоҳнома” ҳам номи Вашгирдро бо чанд шакл овардааст. Ӯ дар бораи хонаводаи Вис маълумоти муфассал оварда, аз намояндагони дигари он хонавода – Пирон, Ҳумон, Бормон ва дигарон ёд мекунад. Мавҷуд будани як достони калоне бо номи “Рафтани Гев ба Висагирд ба назди Пирон” исботи рӯшани қадима ва машҳур будани ин ҳудуд ва ин шаҳр аст.*

*Донишмандон тахмин мезананд, ки ба ҳайати Висагирди қадим на фақат ҳудуди имрӯзаи Файзобод, балки аз Кабудҷар – Нурободи имрӯза сар карда то Ҳисор дохил мешуд ва шояд навоҳие, ки ҳоло дар ҳудуди кишвари ҳамсояи мо аст, дар итоати шоҳи Висагирд - Пирон ва авлоди ӯ будаанд. Ду сарчашмае, ки аксарияти олимон ба онҳо ҳам такя мекунанд – “Авесто” ва “Шоҳнома” - аллакай шаҳодат медиҳанд, ки Висагирд аз муҳимтарин ва бузургтарин маркази илму фарҳангу сиёсати Бохтари қадим будааст.*

*Марқади сӯфии маъруфи асри IX Хоҷа Ҳотами Ассам ҳам дар ҳамин ҳудуд қарор дорад. Он бори аввал аз ҷониби донишманд А.М. Беленитский мавриди омӯзиш қарор гирифтааст. Ин олим бо такя ба рисолаи “Наҳафот ал-унс”-и Абдураҳмони Ҷомӣ дар бораи шахсияти Хоҷа Ҳотам маъ-*

*лумот додааст. Дар бораи дар Вашгирд қарор доштани гӯри Хоҷа Ҳотам маҳз Ҷомӣ маълумот додааст. Таърихшиноси рус – Ф.М. Минорский бошад, бо такя ба маълумоти муаррихони асримиёнагӣ ва махсусан Ал-Истахрии араб дар ҳудуди ноҳияи имрӯзаи Файзобод ҷойгир будани шаҳри қадимаи Вашгирдро муайян кардааст. В.В. Бартолд ҳам ҷонибдори ҳамин андеша аст.*

*Давлатхоҷа Довудӣ менависад, ки шаҳристони Қалъаи Сангин тахминан то 15 гектарро дар бар мегирад. Он қалъа бо шаҳристонаш деворҳои мудофиавӣ доштааст. Дар ин ҳудуд ба ҷуз Қалъаи Сангин ва дуртар аз он қалъаи дигаре ҳам будааст, ки мардум онро “Қалъаи Фотимаи Заҳро” меноманд. Баландии онро бостоншиносон 15 метр, дарозӣ ва паҳноияшро 75 ва 70 метр гуфтаанд. Мегӯянд ки дар атрофи он қалъа ду чашмаи оби мусаффое ҳам буд. Зарфҳои сафолие, ки аз ин қалъа пайдо шудааст, ба давраҳои Сомониён (асри IX-X), Ғазнавиён (XI-XII) ва ба аввалҳои асри XIII таллуқ доранд. Вале маълум карда шудааст, ки нуқтаи шоҳнишини ҳамин мавзеъ, яъне Вашгирди қадим, ҳамон Қалъаи Сангин будааст. Чун яке аз роҳи тиҷорат, ки он замон аз Вашгирди қадим ҳам мегузашт, боис шудааст, ки савдову маданияти мухталиф ва ҳунармандӣ инҷо рушд кунад. Муаллифи болозикр овардааст, ки дар Обоняшти Авесто номи яке аз хонаводаҳои бонуфузи Тӯрон Виса (Ваесака) омадааст, ки фарзандони он далеру шуҷоъ ва ҷанговар будаанд.*

*Таърихшинос Юсуфшоҳ Яъқубшоҳ дар ҳамин мавзӯъ навиштааст: “...дизи шаҳр ҳоло бо номи Қалъаи Сангин машҳур мебошад ...таъкид мекунам, ки дар Тоҷикистон ба монанди харобаҳои Вашгирд шаҳри қадиму калон нест...”*

Бемори аҷал ба дору тадбир нашуд,
Дарвоза ба рӯйи марг занҷир нашуд.
Кардам ҳаваси очаи кампири банур,
Ӯ моҳи банур гашту кампир нашуд.

Равон аст оби чашмонам, ту гӯйӣ руди Элок аст,
Фиғон дар ҳасрати рӯят аз ин ҷо то ба афлок аст.
Миёни мову ту, очa, кунун раҳ то қиёмат дур,
Ба зери хоки сарди ту, маро бар фарқи сар хок аст...





Қисмат зи азал навишта буд бар сари ман,
Тӯмор набуд, на ришта буд бар дари ман.
Бо дасти дуову меҳру бо тиннати пок
Очам, ба Худо, фаришта буд дар бари ман.

Пандат чу қалам ба гӯши ҷон монд, оча,
Рухсораи гарми ту ба  нон монд, оча.
Дар бехаки рахти хоби ту обаки дам,
Дар коса накарда нӯши ҷон монд, оча.

Аз ҷамъи баландиҳо лаби боми ту бас,
Аз панди замон мазори ороми ту бас.
Аз нобудаҳо набуданат сахту гарон,
Аз доштаҳо шафоати номи ту бас.

Дар байни ҳазору як зани қишлоқӣ,
Чун моҳ будӣ ба куртаву бо тоқӣ.
Аз пеши назар, оча, бирафтӣ ногаҳ,
Акси рӯйи ту ба коғази дил боқӣ





Бе оча тамоми зиндагӣ пуралам аст,
Сад ҷони ширин барои як оча кам аст.
Аз дарду фироқ ба сина ду Кӯҳи Мазор,
Аз гиряи ман ду дида Элоки ғам аст...

Дар мотами ту, оча, чӣ ғамнок манам,
Бечора ба зери чархи афлок манам.
Бо рафтани ту намонда як марҳами роз,
Хокӣ будаму баъди сарат хок манам.

Ман шона мезанам сари зулфи дарози субҳ,
Сад рози рӯз баста ба гесӯи рози субҳ.
Рафтӣ ту, модаро, ба сари субҳ, кош боз
Меомадӣ ту вақти азони намози субҳ.

Рафтиву ба дил зи шодӣ як гард намонд,
Дар ҳавлӣ ба ҷуз ду кулбаи сард намонд.
Сар то сари мулки холии хотираҳо,
Эй оча, ба ғайри боди шабгард намонд...





Аз авҷи фалак ба чаҳ хамидан мушкил,
Атри гули ёди ту шамидан мушкил.
Бо ёди канорат, оча, аз роҳи хумор,
Оҳ, омадану туро надидан мушкил...

Оям ба сари гӯрат, бо ашки қатор, оча,
Бо дасти дуо оям, бо як дили зор, оча.
Ёдам ҳама беморӣ, шомам ҳама бедорӣ,
Рӯзи сияҳам бе ту, чун санги мазор, оча...

Дар байни ҳазор доду афғону мағал,
Кӯдак шаваму оча бигирам ба бағал.
Дар гӯши дилам садо диҳад то дами марг,
Овои насиҳати ту бо шеъру ғазал.

Биё, дар пойи меҳрат то абад занҷир хоҳам шуд,
Биё, дар ин фазои бе ҳаво дамгир хоҳам шуд.
Ба пойи тобутат бишкаста шӯру шарру туғёнам,
Биё, оча, дигар як бачаи гапгир хоҳам шуд....





Як ранг нарехт, оча, сад ранг қалам бе ту,
Сад дидаи нам хушкид, сад дидаи нам бе ту.
Аз ҳасрату ғам пур шуд дарёи ғамистонам,
Дар мазраи дил бишкуфт як боғ алам бе ту...

***

Чи хуш болои туту гаҳ таги олуча буданҳо,
Ба хона дар канори ту, барат дар кӯча буданҳо.
Дигар болои гӯрат сангу рӯйи қалби ман ҳам санг,
Ҳазорон санг ояд бар сари бе оча буданҳо...

Зи ёдам рафт кайҳо зиннати гулҳои ин гулзор,
Ба ёдам монд сарви қоматеву сояи девор.
Зи ёдам сад баҳона ҷӯйи шодӣ рафту пас н-омад,
Ба ёдам монд, оча, оби чашмат дар бари рухсор...

***

Зи саҳро ҷамъу гири хушаи гандум ба ёдам ҳаст,
Гиристанҳои бори як саду чандум ба ёдам ҳаст.
Зи ёдам рафта, оча, чанди  кори хайри ту, аммо,
Ба рӯзи рафтанат ашку ғами мардум ба ёдам ҳаст...





Ман дар ними роҳу он раҳи дурат монд,
Сад ҳарфи нагуфта бар лаби гӯрат монд.
Ин ғарқаи ашку он яке ғарқаи ғам,
Чашми ману рухсораи пурнурат монд....

***

Дар осмони деҳа маҳтоб ранги нон аст,
Чун тифли пушти модар аз пушти мо равон аст.
Як навда токи танҳо аз фасли тирамоҳон,
Аз модарам нишона акнун дигар ҳамон аст...

Саҳар модар ба дигар роҳ мерафт,
Чу сӯзи пургудози оҳ мерафт.
Ду чашмам шаб заду рафтам ман аз худ,
Чу Юсуфе, ки андар чоҳ мерафт...

***

Ман дар худам то кӯйи ту бе ту равонам то абад,
Оне, ки будам, модарам, бе ту на онам то абад.
Барги хазони ёдҳо монда ба зери барфи дай,
Бе ту ба зери бори ғам ҷони ҷавонам то абад...





Дигар ку дар таги ин тути пир густурда як чодар?
Ку дастурхони тифливу ба гирдаш хоҳару додар?
Наканда риштаи чашмам зи роҳи риштаи деҳа,
Дигар ку чашми раҳпову дили садпораи модар?

***

Шаб торику ҷуфти чир-чирак бедор аст,
Монанди касе, ки дар бари бемор аст.
Дунё ду гап аст - гапи Худову Модар,
Боқӣ ҳама гуфтумон гапи бекор аст...

Саҳар рафтам канори манзили ту,
Гули ғам руста аз обу гили ту
Ҷигарҳо аз фироқат сӯхт, оча,
Намесӯзад ба ҳоли мо дили ту!

***

Ту рафтӣ дар гумонам умр кам монд,
Зи пуштат оча, раҳпо чашми нам монд.
Ба сандуқат, ки кунҷи хона танҳост,
Накарда пора чандин курта ғам монд...





Як нимаи маҳ гӯшаи бом аст, оча,
Чун ҳарфи дилат, ки нотамом аст, оча.
Сад халта авезон ба сари шиғи падар,
Он халтаи умри ту кадом аст, оча?

***

Замоне як лаби сон чодарат буд,
Ба бахтат, модари ҷон дар барат буд.
Кунун ду чашми ту, Субҳон, пури ғам,
Куҷо он рӯзҳо, ки модарат буд...

Аз хона маро то ба мазорат раҳ шуд,
Дунё ҳама аз набуданат огаҳ шуд.
Бо ту буданам фосилаи як бозӣ,
Мо серӣ надида, рӯзи мо бегаҳ шуд...

***

Кай бӯйи туро чу бӯйи гул орад бод?
Дод аз ғами ҳаҷрат, аз ғами ҳаҷрат дод!
Як сина зи баъди ту пур аз хун, оча,
Амсоли анори ҳавлии Сӯфӣ Мурод...





Чу рафтӣ, оча, аз кошонаи мо,
Нишаста бори ғам дар шонаи мо.
Биё, хоҳар, ту дуд андоз испанд,
Ки чашми бад расид бар хонаи мо...

***

Ғами беочагӣ, Субҳон, ғами зӯр,
Зи қалби ҳар каси беоча ғам дур!
Набинӣ рӯйи шодиро ту, эй ашк,
Ки аз дасти ту чашми хоҳарам кӯр...

Ба дил хор, оча, баъдат даста-даста,
Ба бозори ҷаҳон ғам раста-раста.
Раҳи ман дур то рӯзи қиёмат,
Барам худро канорат хаста-хаста...

***

Бар чеҳраи маҳтоби ту пазмон, оча,
Мисле, ки гурусна дар ғами нон, оча.
Девори танат фитоду ман афтодам,
Як ҷо бари ман дар бари худ мон, оча...





Номи ту накӯ буду накӯ номи падар,
Ку рӯшании чароғи ҳар шоми падар?
Ман то ба фалак барам ғами дурии ту,
Бо зинаи чӯбини лаби боми падар...

***

Маҳ дар шаби деҳа, оча, мисли абрӯ,
Аз хотири ту ҷамъ шавем аз ҳар сӯ.
Ёди туву ғамҳои ту дар синаи мо,
Фарёд занем ку очамон, ку, ку, ку...

Дар деҳи бе ту аз кӣ бисозам туро суроғ?
Сад кӯча рӯшан асту дилам сарду бе чироғ
Рафтам мазорат очаву ман зори диданат,
Омад баҳору бӯйи ту кай пур кунад димоғ?

***

Имшаб дилам кашоли як "ҳой"-и модарам буд,
Чашмони ман пур аз хун раҳпойи модарам буд.
Бехобу нурфишону болонишину зебо,
Маҳтоби деҳа имшаб дар ҷойи модарам буд...





Дур аз туву хайёлам побанди хонаи ту,
Сад достон наарзад бар як фасонаи ту
Сар то канори деҳа аз ту нишонае нест,
Сар то канори деҳа пур аз нишонаи ту ...

***

Ба даври кӯдакиҳо зоча гуфтам,
Гаҳе аз дарди дасту поча гуфтам,
Чӣ пурсӣ вопасин ҳарфи лаби ман?
Ба ҳасрат ОЧА гуфтам, ОЧА гуфтам....

Маҳи рӯйи ту дар шабҳои ман буд,
Гули ёди ту кавкабҳои ман буд.
Хумори оча дар дил то қиёмат
Гули табхолаи лабҳои ман буд....

***

Хун аз ҷигарам равона чун ҷӯ, оча,
Оям сари гӯри ту зи ҳар сӯ, оча.
Болои мазори ту пур аз барги хазон,
Пурнақшу нигор чу кӯрпаи рӯ, оча....





Ғамҳои маро оби равон мебарадо,
Ё чанги аҷал маро ҷавон мебарадо.
Гуфтам наравам деҳа, дигар очам нест,
Меҳри ту маро, оча, давон мебарадо...

***

Ғами дурии ту зӯр, очаи ҷон,
Ду чашм аз гиря шуд кӯр, очаи ҷон.
Ба ёдам монд роҳу рӯ ба Қибла,
Ду дастат аз дуо пур, очаи ҷон.

Оча, чӣ шуд он дили зи ғам решаки ту?
Зардоби ғам аст дили ҳама хешаки ту.
Пазмон шудаам забони хушгуфторат,
Манро кӣ барад ҷуз аз Худо пешаки ту?

***

Сад сол шуда к-аз ту ҷудоям, модар,
Рӯ сӯйи туву сӯйи Худоям, модар.
Садсола намозу саҷдаам пеши ту монд,
Садсола хумории дуоям, модар.





Бе оча шудему зери ғам шонаи мо,
Ку файз дигар дар обу дар донаи мо?
Ту рафтиву баъди ту бихушкиду шикаст,
Як навдаи токи ангури хонаи мо...

***

Розу аламам ба пешаки хола кунам,
Оча бугуму ашки варо ҷола кунам.
Ин сумкаи бори зиндагӣ бар сари китф
Ман ҳар саҳарӣ чу синфи як нола кунам...

Сандуқчаи пур зи симу зар нест дигар,
Фарёд занам шому саҳар, нест дигар.
Ин хона дигаргун шуда бо бому дараш,
Он очаи зеби бому дар нест дигар...

***

Қарибак роҳи дури модарам кун,
Раҳам равшан зи нури модарам кун.
Надид ӯ ҳосили умрам, Худоё,
Маро як беди гӯри модарам кун...





Дигар рӯ бар фалак овардаам ман,
Ба Раббу бар малак овардаам ман.
Ба хобам медарояд Кӯҳи Ширбӣ,
Бароят ҷамбилак овардаам ман...

***

Аз боғи замон нахли ситам медаравам,
Аз ҳавлиат, оча, ман алам медаравам.
Аз рӯйи замин зи ризқи худ хушаву дон,
Аз марқади ту дарзаи ғам медаравам...

Ба ёдат чашми ман нам мефизояд,
Дилам овои мотам мефизояд.
Равам бар диданат ҳар рӯзи бозор,
Куҷои ту, маро ғам мефизояд.

***

Кӣ дорад малҳаме бар доғи оча?
Кӣ як ҳавзи дуо дар боғи оча?
Набошад хуш даре, то боз гардӣ,
Ба дунё ҷуз дари нимроғи оча.





Достак ба таги нигас қатор аст, оча,
Гӯё, ки ба роҳат интизор аст, оча.
З-оби рӯйи ту шукуфта ҳар шохаи тар,
Дар ҳавлии пургулат баҳор аст, оча.

***

Зи хонат нони ғам хӯрдам, надидӣ,
Чу маҷнунбед хам хӯрдам, надидӣ.
Чу сели ғуссаҳо, оча, баҳорон
Сари гӯри ту дам хӯрдам, надидӣ.

Аз пеши мазори ту раҳи кори ман аст,
Ду чашми фитода дидаи чори ман аст.
Он санги сияҳ дигар ба гӯрат, оча,
Санги сияҳи дили пур аз бори ман аст.

***

Ба чӣ омехта буд, оча, гили ту?
Ғами дунё биғунҷид дар дили ту.
Ҳамон садбарг бо чоят калон шуд,
Кунун гул карда рӯйи манзили ту...





Зи баъдат, оча, холӣ хонаат монд,
Сарам афканда дар остонаат монд.
Чу симу нуқраи султони Вишгард,
Хумори тифлӣ дар кошонаат монд...

***

Шаб пилтачароғ дар барам месӯзад,
Эй очаи ҷон, чашми тарам месӯзад.
Нам гашта зи оби дидаам ҳезумакот,
Чун лахчаи тар дар ҷигарам месӯзад...

Хаёлатро ба ду олам наметум,
Ду чашматро ба дасти нам наметум.
Чу даври кӯдакӣ бигрифта дастам,
Маро бар, оча пешат, ғам наметум...

***

Бе ту ба гузар на рӯзу не Наврӯз аст,
Сӯзи ба ҷигар расида пайкарсӯз аст.
Рафтам ба суроғат очаву гаштам гум,
Хобум ба хаёлату бихезум рӯз аст...





Ҷудоӣ мекунам аз туву роҳат,
Фидои пайкари зебойи моҳат.
Раҳойӣ додам, оча, дастат аз даст,
Гадоӣ мекунам ман ним нигоҳат.

***

Бори ғамат, оча, бар ғами зиндагӣ бор,
Ту рафтӣ мазору ман шудам бастаи дор.
Сер аз ғами зиндагиву сер аз ғами ту,
Бе нони танӯрат, очаҷон, гушнаи зор.

Сад боғ надошт, очаҷон, бӯйи туро,
Сад шаб ҳама ранги торики мӯйи туро.
Меҳмони ту гаштаму бигаштам гушна,
Хони ту надошт кулчаи рӯйи туро...

***

Бемор шавад ҷигар, ки ғамсӯхта шавад,
Кай бо ғамат, оча, ин дил омӯхта шавад?!
Пур аз ғаму ҳавзи об монад абадӣ,
Чашме, ки ҳамеша сӯйи дар дӯхта шавад.





Дил хост саҳар фиғон дар ин марза кунад,
Ғамҳои туро дарав кунад, дарза кунад.
Вақти ғанабам, оча, таги беди мазор
“Субҳон” гӯйиву банди дилам ларза кунад..

***

Ашкам набарад ҷабини ғамшӯри маро,
Зӯри ғамат, оча, бишканад зӯри маро.
Имрӯз барам ба дидаам обу пагоҳ,
Беди гӯри ту соя кунад гӯри маро.



Андар ғамат, оча, чашми ҳамсоя нам аст,
Бар сад ғами мо ғами фироқи ту зам аст.
Ин кӯчаи Комсомол пур аз духтару лек,
Монандаи ту духтари гулчеҳра кам аст.

***

“Очат бумурад, бача, ки шер омадаӣ,
Ё гушнаву ё ташнаву сер омадаӣ..”
Кай бори дигар бубинамат дар дами дар
Пурсӣ ту маро, ки “бахчи дер омадаӣ?”

Биё оча, шавад кам дарду доғат,
Биё, аз шӯри дида сӯхт боғат.
Сари кӯча ҳама ёди ту дорад,
Ва кампири Изатмо дар суроғат..

***

Аз ҳар сӯ шудам хуморӣ он сӯйи туро,
Кай бод барад ба дуриҳо бӯйи туро.
Бо очаи худ хона биё, ҷӯраву мон,
Ман оча бугум очаи хушрӯйи туро..





Дар пот сари ҳазор саркарда хамак,
Хуш, оча, канори ту, чӣ бисёру камак.
Ё раб, ту бигир амонатат рӯйи ҳамон
Дасте, ки аз он ними ҷаҳон хӯрда намак.

***

Бе оча вафову боварӣ кардам гум,
Уммеди давову доварӣ кардам гум.
Дар бехаки шиғи кампири Ороста
Як кӯзача меҳри модарӣ кардам гум...

Ороми шабу нусхаи моҳ кардам гум,
Накде зи кафу тӯшаи роҳ кардам гум.
Гулдаста ба дасти боду дар панҷаи ғам
Як оча ба фасли тирамоҳ кардам гум...

***

Чӣ донум чӣ ба сар дорӣ ту, оча,
Дили дар ғӯсса тар дорӣ ту, оча.
Туро охир дами дар дида будам,
Нафаҳмидам сафар дорӣ ту, оча...





Дунё чалак асту гардишу риштанҳо,
Хок асту замину молаву киштанҳо.
Дина ту будӣ мунтазирам оча, инак
Ман мондаму рӯйи гӯри ту шиштанҳо.

***

Туро бо дидаи тар интизорам,
Дар ин раҳ гар равад сар, интизорам.
Ҳамеша, субҳу шому вақти хуфтан
Туро, оча, дами дар интизорам.

Магар пур мешавад камҳои модар?
Ва ё хуш мешавад дамҳои модар?
Ба дарси мусиқӣ акнун навозам
Ман он симфонии ғамҳои модар...

***

Чӣ мушкин мӯйи ту дар ёди ман монд,
Давидан сӯйи ту дар ёди ман монд.
Чу дарси сураву Қуръону ҳикмат
Хати абрӯйи ту дар ёди ман монд.





Ба ёдат ноларо сар мекунам боз,
Ду гӯши қалъаро кар мекунам боз.
Ва ту оча, ҳанӯз аз дида ҷогаҳ,
Ва ман худро қаландар мекунам боз...

***

Ман аз дасти ҷудоӣ менависам,
Савоб асту худоӣ менависам.
Зи байти аллаат, оча, рабуда
Дубайтиву рубоӣ менависам...

Фироқат ашки моро ҷорӣ карда,
Нашуд, оча, Худоро зорӣ карда.
Туро ғамҳои ман побанди ҷогаҳ,
Маро ғамҳои ту бозорӣ карда...

***

Каси бе оча шабҳо хов надорад,
Қимори умри рафта дов надорад.
Шавад дармон ғами дунёву аммо
Ғами беочагӣ таштов надорад.



# БО БАҲОНАИ РӮЗИ ҒАЛАБА



Ман шояд 13 ё 14-сола будам, ки бобоям (падари модарам) вафот кард. Ӯро ман бо асо ба ёд дорам. Баъди бемори, ки ба дасту пояш асар карда буд, роҳгардии мушкил дошт ва аз асо истифода мекард. То ҳанӯз намедонам, ки чаро ӯ ба хонаи мо, ки аз хонааш ҳамагӣ 150 метр дуртар буд, ками кам меомад. Медонам, ки баъди ҷанг бо бибиям оиладор шудаанд, яъне, вақте ки аллакай ҷавони баркамол буд ва аз майдони ҷанг баргашта буд. Замони хурдсолии ман бобоям дар идораи хазинаи амонатгузорӣ дар Дарагиён, имрӯза маркази маъмурии ноҳияи Файзобод посбон будааст. Ҳамкоронаш ки ҳоло ҳаёт ҳастанд, баъзан аз ҳамон рӯзгор чизе нақл мекунанд. Бибиам дар ҳамон ҷойи кори бобоям фаррош будааст.

Модари ман (Худо раҳматаш кунад!) фарзанди аввалини бобою бибиам аст. Бибиам нақл мекунанд, ки пеш аз модари мо онҳо чанд фарзанди худро аз даст додаанд. Онҳо хеле хурд вафот мекардаанд. Касе хешу табории бобою бибиамро сабаби ин ҳол мегуфт, касе ин ҳолатро ба ҷангу ҷӯш ва таъсири он ба сиҳатии бобоам марбут медонист… Вале сабабашро калонсолони ин ду оила хуб медонистаанд. Онҳо аз миёни ҳама фарзияҳои дигар фақат ба сеюмин фарзия боварии бештаре доштаанд.

Бибиам замони хурдсол будан дар деҳаи Мӯъминобод зиндагӣ мекардааст. Дар он ҳудуд донишманди хубу муллои шинохтае будааст, ки падари бибиам ҳамин духтари навраси худро ба писари он мулло ваъда карда будааст. Он вақт ҳамин гуна будааст, ки келинҳо ҳам хеле наврас ба оилаи дигар мерафтаанд, мисли бибии ман, ки замони ба қавле тӯяш – 13 ё 14-сола будааст. Вақте ки фарзанди сӯфӣ Мурод (бобои модарам) – Қаландар (бобоям) аз ҷанг бармегардад, ӯ ба хонаи бародараш Муҳаммадрасул рафта, ҳамон духтари ба қавле “бандкарда”-и он муллоро келин карданӣ мешавад. Сӯфӣ Мурод, ки он вақт обрӯи хуб доштааст, бародари ба ҷон баробар ва марди ҷиддиву бовиқору дар як гап устувор будааст, бародарашро бовар мекунонад ва духтари ӯро (ҳамин бибии маро) келин мекунад. Бибиам нақл мекунад, ки чун наврас будаасту бе хабар аз гапу кори дунё, дар хонаи ба қавле домод, дар миёни духтарони ди-

гари онҳо то замони боақл шуданҳо бозӣ карда, мегаштааст.

Дар ин миён дигар маълум аст, ки он мулло, ки келини ба қавле интихобкардаашро ба деҳаи дигар доданд, меранҷад ва табиист, ки оҳ мекашаду шояд дуо ҳам мекунад. Аммо бобову бибии ҷавони ман кай медонистанд, ки дуо чӣ гуна метавонад таъсир дошта бошад. Фақат фикр мекардаанд, ки шояд кадом беморӣ боиси фавти фарзандони хурдсолу чандрӯзаи онҳо мешавад. Хабар ба гӯши калонсолон ҳам мерасад ва аз қиссаи мулло ва тасмиму маслиҳати мулло ва Муҳаммадрасул (падари бибиам) ҳама дарак меёбанд. Мулло ҳам мешунаванд, ки ин домоду арӯс аллакай чанд фарзанди худро аз даст додаанд. Баъд розӣ мешавад, ки бобои ман – Қаландар ба наздаш биравад. Ӯ ҳам, ки дигар гуноҳи дигарону шикастани маслиҳатро медонист, гӯсфанду кулчаву савғотӣ мегирад ва меравад ба хонаи мулло барои ба қавле тавба кардан аз гуноҳи накарда…

Мулло ки дилсӯз ҳам будааст, баъди дидани бобоям ва баъди қабулу узру маънии вай барояш дуои хайр медиҳад ва гуселаш мекунад. Баъди камтар аз як сол модари ман таваллуд мешавад ва ба хотири ҳамаи ҳамин гуна азобҳои бефарзандӣ ӯро Гадобегим ном мегузоранд. Модарам албатта номи дигар ҳам дошт, аммо хешу табори мо ҳама ӯро бештар бо ҳамин ном садо мекарданд. Гӯё акнун ин фарзанди ба гадоӣ ва зораҳо пеши Худованд ба даст овардаи онҳо буд, ки сӯфӣ Мурод ва момаи Анор (ҳамсараш) ӯро ба сад ноз ва ба қавли модарам “дар лаби ҷелаку лаби домани худ” калон кардаанд…

Модари ман духтари дӯстдори бобову бибӣ будааст. Кулбаи хурдакаи онҳоро ҳамеша модари ман рубучин мекардааст, яъне дастёри момаи Анор. Баъдтар ҳам бо момаи Анораш модари ман пайвандҳои воқеву хаёлии зиёде доштааст. Ҳар чизе ки ба момаи Анор иртибот дошт, модарам онро ба таври худ ва комилан дуруст шарҳу эзоҳ медод. Мо ба воқеъияти суханони модарам ва тахмину пешгӯиҳои ӯ баъди як муддати ками гуфта шудани онҳо шоҳид мешудем ва боварӣ ҳосил мекардем.

Баъди даргузашти модарам (1-уми октябри соли 2018) хоҳарони ман нақл карданд, ки модарам пештар аз реҳлати худ ҳамон

момаи дӯстдораш — Анорро ба хоб дида будааст. Яъне, охирин нафасҳои модарам ҳам бе ҳузури момаи Анор набудааст…

Аммо имрӯз 9 май аст. Рӯзи Ғалаба. Бобои ман, ки дар борааш кам медонам, иштирокчии ҷанг буд ва соли 1990 аз дунё гузашт. Баъди ҷанг ӯ як умр деҳқони одӣ, посбони хазинаи амонатгузорӣ ва навбатдори обанбори Файзобод буд. Дар заминҳои атрофи ҳамон обанбор аз рӯйи нақли ҳамкоронаш қариб ҳама долу дарахт маҳсули дасти ӯст. Похсадеворҳои бо дасти худашу бо кӯмаки бибиам дар хонасозӣ истифода кардаашро ҳамин сол баъди навсозиҳои набераҳояш дидам. Лекин ҳанӯз ҳам кулбаи сохтаи ӯ барои бибиаму барои модари ман побарҷо аст. Осон нест изи дасту файзи дасти “одамони қадим”, гузаштагони бузургро пурра нест кардан ва аз миён бурдан…

Ғалабаи асосии Шумо — бобои Қаландари бадавлатам, ғалаба бар нафс, ғалаба бар нопокиҳо, ғалаба бар ноҷавонмардиҳо, ғалаба бар беадолатиҳо, ғалаба бар кибру ғурур буд!

Рӯзи Ғалаба Муборак бод!!!

Моро (агар Худо хоҳад) боз садҳо ҒАЛАБА дар пеш аст.

# ЯК ЗАХМИ РЕШАДОРУ БО ЯК ГУЛ БАҲОР…



Моҳи декабри соли 2012. То рӯзи мавлуди ман камтар аз як ҳафта монда буд. Ману писаронам ягон бор то он вакт ва баъди он рӯз низ чою нонро дар дохили мошин нахӯрдаем. Интизориро онҳо дар саҳни ҳавлии таваллудхона бо пурсишҳои худ кӯтоҳтар мекарданд…

Ман омадани ӯро интизор будам. Мисли онки ҳар шаб саҳарро интизор мешавему дар сардиҳо рӯзи гарму офтобиро…

Додарони ман барвақтар аз ман соҳиби духтарча шуда буданд. Онҳо ба духтарони худ Азизаву Мадинаву Фаридаву Мавзуна ном гузоштаанд. Ман ҳамон номи дӯстдоштаамро пинҳон мекардам, барои духтари худам…

Марҳабо хоҳари ман буд. Як сол баъди тавлиди ман ба дунё омадааст. Модарам дар бораи зебоии ӯ ҳамеша мегуфт. Ва ҳам мегуфт, ки баъди бемории кӯтоҳе аз дунё рафт. Ман хеле барвақт эҳсос мекардам, ки модарам наметавонад ӯро фаромӯш кунад. Тӯйи духтари ҳамсоя ҳам Марҳабои ӯро ба ёдаш меоварду шунидани ҳамин ном аз ҷониби ҳатто кадом раҳгузаре ҳам. Ҳис мекардам, ки доғи духтараш дар қалбу хотирааш решадор шудааст. Ҳашт-нӯҳ моҳ барои одат кардан бо порае аз ҷигар ва барои воқеъан ҳам дӯст доштани ӯ кофӣ буд…

Маро момодоя барои дидани духтарчаам, ки ҳамин чанд дақиқа пештар ба дунё омад, даъват кард. Дар роҳраву зинапояҳо медавидам.

-Худованд! Чӣ қадар меҳрубонӣ! Маро шунидӣ, ҳарчанд ман ин орзӯямро хеле паст ва фақат ба худам мегуфтам…

Ба ҳар шиносу на он қадар шинос, ки рақами телефонашро сабт доштам, паёмак навиштам: «нагӯед ки Субҳон духтар надорад. Дорам!!!»

Хонаам аз омаданаш гулборон шуд. Ӯ гӯё даст ба дасти бибикалонашу бибиаш мерафт…

Чил рӯз бештар аз тавлиди духтарам мегузашт. Тоқат надо-

штам… Мо ба деҳа меравем. Хонаи бибии духтарам. Бибии боз як духтари зебо гуфт, ки акнун бояд номи муносибе кофтаву ёбем…

Ва инак, ҳамон фурсат фаро расид. Ман ин орзӯро солҳои зиёд дар дилам мепарваридам, ман ин номро дӯст дошта будам, мехостам, ки ба захми решадори ҷигари модар як нӯги ангушт малҳам молам… Ва гуфтам...

Гуфтам, ки «духтари ман ном дорад...»

Ман кайҳо боз духтари хаёлии худро ҳамин гуна садо мекардам, дар хаёлам мӯйҳояшро саду як ранг мебофтаму кокулонашро шона мезадам, ман хаёлан ӯро сад бор ба кӯчаҳои кӯдакии худам мебурдаму меовардам…

Ба саволи онҳо, ки «чӣ номаш мекунӣ?»

— «Марҳабо номаш мекунам»-гуфтам.

Ин ҷавоб одӣ, содда ва фақат як ҷумла набуд…

Хомӯшие, ки он лаҳза фазои хонаро фаро гирифт, хомӯшии пур аз дард, пур аз алам ва пур аз хотира буд…

Духтари ман – Марҳабо имрӯз дар гимназия мехонад...

Хонаи бибӣ рафтанро дӯст медорад ва маро барои рафтан ҳамеша моил ва ҳатто маҷбур мекунад. Шояд ӯ ҳам ҳис мекунад, ки ҳар вақте ки ӯро «Марҳабо» садо мекунам, ҳар вақте ки худро ба оғӯши бибиаш ҳаво медиҳад… Гӯё як дарди бибӣ кам мешавад ва бибӣ худро як лаҳза хушбахт эҳсос мекунад…

**PS:** Ман чанд рӯз баъди тавлиди духтарам барояш таронае иҷро кардам, ки матнашро ҳам худам навишта будам. Ба худам қавл додам, ки ҳар сол 20-уми декабр — дар рӯзи мавлуди Марҳабо барояш як таронаи нав иҷро кунам. Ва мекунам…

# МЕРАСАД РӮЗЕ САФОИ ЗИНДАГӢ...



-Ҳоло, ки мехоҳам дар бораи худам бинависам, Субҳон Саидовро гӯш мекунам-таронаи «Зиндагӣ»-и ӯро…
«Мерасад рузе сафои зиндагӣ…»

Модарам мегӯяд, ки ман аз хурдӣ ӯро аз ҳама бештар азият додаам, дар кӯдакиам вақти ғизохӯрӣ онҳоро ғам медодаам… Баъд мефаҳманд, ки ман пиёзро хӯрда наметавонам. Модарам накл мекунад, ки шабҳо барои ман фақат чойи ширин тайёр мекардааст… Модари ман ҳатто шабона барои нахустписари эркааш фақат картошкаи бирён омода мекардааст. Барои он, ки ғизои дигар пиёз дошт! Баъди роҳрав шуданам ҳам «одами хуб» нашудам…Ба ҳар сангу чӯбе, ки бархӯрда меафтидаам, ҳамаро маҷбур мекардаам, ки онро «канда партоянд...»

Як вақт (замони мактабхониям) ҳангоме, ки тирезаҳои хонаамонро бо модарам тоза мекардам, дастамро захмӣ мекунам, ҳамон гуна захмӣ, ки баъди чанд муддат акнун чанд ангушти дасти рости ман «кор намекард» ва он панҷаам ногиро буд. Боз модарам пеши падарам гиря мекард, ки «ин писар аст- ку, охир бояд панҷаи қавӣ дошта бошад. Бояд ҷарроҳӣ кунем. Ва маро ба бемористоне ба Душанбе меоранд. Ҷарроҳӣ мекунанд ва рагу пайванди шишабуридаро пайванд мекунанд. Рӯзе, ки дар мактабамон занги охирин буд, ман дар беморхона будам, боз дар Душанбе-зонуямро ин карат лат дода будам, модарамро гуфтанд, ки ба мактаб рафтаасту гиристаст, писараш набуд дар он миён…

Акнун барои донишҷӯиву иҷоранишиниям ӯ чӣ қадар гиря кардаву фикр кардаасту хаста шудааст, гумонам ҳисоб надорад. Ӯ дар балоғату бузургсолии ман ҳам аз ман осоиш надид, ки надид… Вақти аз як ҳамсарам ҷудо шудан, намедонам чанд шабу рӯз нолидаву нахуспидааст. Намедидам…

Ҳоло бо ҳамсару фарзандонам ба аёдаташ меравам… Гумон мекунам, ки дар ҳама дарду ранҷаш фақат ман гунаҳкорам, зиёд ғамаш додам, аз беақливу дар боақлиҳоям ҳам…

«Зиндагӣ бо ман чӣ савдо мекунад»…

Ба ёдам ҳаст, ки падарам маро ба назди муллои обрӯманде бурд ва ӯ розӣ шуд, ки маро сабақ биомӯзад. Ман як муддат сураву намозро омӯхтам. Ҳоло ҳам бо бастани чашмҳоям хаёл мекунам, ману ӯ дар роҳи ҳамон деҳа, аз канори гӯристони маҳалмон пиёда меоем…

Субҳон Саидов имрӯз баргашта ва фақат барои ман суруд мехонад:

«Зиндагӣ бо ман чӣ савдо мекунад…

вале,

«Мерасад рӯзе сафои зиндагӣ..,» Мерасад…

# МОЧАРОИ САРИ ПОДА...



Подаи мо аз аввал подабон надошт — ҳар оилае, ки гову молашро ба пода сар медод, моҳе як бор бо навбат подабонӣ мерафт. Баъдтар подабон пайдо шуд. Яъне, мутобиқи шароити бозори меҳнат боз ду ҷойи нави корӣ пайдо шуд – подабони кӯча! Аҷаб. Зани рус ҳамон замоне, ки мардум фикр мекарданд, ки то зани рус нагирӣ вазифа ҳам намегирӣ, ҳамсари қонунии як раис буд, ки акнун либоси тоҷикӣ мепӯшид ва тоҷикӣ ҳарф мезад. Аҷобат ҳамин буд, ки ҳар саҳар подабони кӯчаро маҳз ӯ бо дуояш гусел мекард. Тоҷикӣ дуо медод!

Ҷойе, ки мардум подаашро ҷамъ мекард, ба ду қисм чудо шуда буд — аз роҳи мошин боло чорвои калон ҷамъ мешуду аз роҳи мошин поён бузу гӯсфанд. То пайдо шудани касабаи «Подабон» мо ҳам дар навбати худ подабонӣ мерафтем. Мо ки хурд будем, бештар барои он ҳавасманд будем, ки рӯзи подабонӣ бо дурбини бобои Қаландар аз баландӣ маркази ноҳияамонро тамошо мекардем. Ҷамъшавии субҳу шом дар сари пода мисли як барномаи хабарӣ дар вақти субҳу шоми кадом радио буд. Ахборе, ки онҷо аст, шояд дар радиои «Ватан» ҳам набошад. Масалан, дар бораи он ки Хола чаро кӯдакони кӯчаро он қадар дӯст намедорад, ё чаро амаки Бӯрӣ чанд муддат аст, ки бо «автолавка»-и худ молу колои тоза намеорад, ё чи гуна магазинчие сейфро холӣ кардду боз худаш ба милисаҳо шикоят бурд, дар ягон радио намегӯянд. Сӯҳбатҳои шомгоҳӣ дарозтар буд. Зеро то бегоҳ як гала гапу хабар ҷамъ шуда буд ва бояд гуфта мешуду шунида мешуд. Ба ёди ман ҳаст, ки замони селу боронгариҳо мардум боз ҳам аввал дар сари пода ҷамъ мешуданду ба наҷоти гову молашон ва кӯмаки марди навбатдори пода мерафтанд. Он замон мардум ба гапи подабон, ба гапи ҳамсояи худ бовар мекарданд, он замон гову мол ба таври асроромез ғайб намезад, он замон моли мардумро агар раҳгум мезад, шаб дар оғил дар қатори молу гови худашон каҳу алаф медоданду пагоҳаш ба пода ҳай мекарданд. Ҳоло ҳам шояд гову моли гумшударо ёфтан мумкин бошад, вале фақат аз дӯкони қассоб! Ман нав фаҳмидам, ки

чаро мардум вакти фурӯхтани гову молаш каме пашми бадани онҳоро гирифта, ба кадом сӯрохии оғил мехалонд. Ин ба хотири он будааст, ки агар раваду баракат дар ҳамон гову мол бошад, бо фурӯхтани он аз хонаву дар баракат наравад. Масалан, дар кӯчаи мо ҳамин ҳол рух дод. Ҳамин ки баракат кам шуду гову мол ҳам камтар шуд, подахоравро одамони пулдор барои сохтани хона «ҳуҷҷат» кардаву гирифтанд. Тамом!!! Подахорави кӯча барои мардум ҷойи сӯҳбат буд... Мардум ҳам дигар ба подаҷойи тангтар одат кард.

Вале чаро нагӯем, ки доираи гапу хабар гумонам танг нашудааст. Баракс, агар як вакт фақат гап дар бораи Сталину Брежневу халтаи орди 18 сума буд, ҳоло кампири Иззатмову амаки Бӯрӣ ва бобои Раҷаб ҳам аз депортатсияву Путину қурби асъор сӯҳбат мекунанд. Мавзӯъҳои нав албатта зиёд пайдо шуданд, аммо минбари сӯҳбату майдони сӯҳбат ҳанӯзам ҳамон ҷо боқӣ мондааст – подаҷойи кӯча! Ҳамаро дар онҷо шинохтан мумкин аст — ҳам бечораро (аз гову гӯсолаи харобашу эми гӯши бузҳояш) ва ҳам дорандаро (аз калӯшҳои наву ҷомаи майдадӯзиаш), ҳам гапчину хабаркашро (аз саволҳои дарундорашу хомӯшии шубҳаовараш) ва ҳам мардуми доноро (аз касеро ғайбат накарданашу ба саволҳои тафриқаомез «намедонам» гуфтанаш)!

Аҷобат ҳамин аст, ки новобаста аз гузашти солҳо ва пайдоиши ҳазору як смартфону планшету ваймакс, новобаста ба «ҷаҳондида» шудану «русиядида» шудани мардум, дар сари пода ҷойи «актёрони мардумии ба нафақа рафта» — ро «актёрон» — и ҷавонтар мегиранду мазҳакаи зиндагӣ бе драматургу коргардону рассом аз рӯйи ҳамон як сенарие, ки ҳазор сол пеш буд, идома ёфта истодааст.

Ман дар боло воқеъияти кӯчаи худамонро овардам. Дар он матн ҳар чизе хондед, ҳақиқат буд. Ва ман онро фақат барои он ба ёд овардам, ки дар бораи «Моҷарои сари пода»-и Ҳунарпешаи халкии Тоҷикистон — Нурулло Абдулло, ки имрӯз дар Театри давлатии ҷавонон ба номи М. Воҳидов дар таҳияи ҳунарманд Нозим Меликов тамошо кардам, нависам.

Ва «Моҷарои сари пода» сар шуд… Ҳама чиз фаҳмо, шинос,

табиӣ ва воқеъӣ. Ман худамро онҷо дидам, акаи Ҳомиду бобои Калуғу кампири Холаро ҳам… Қаҳрамонҳо бо ҳамон забоне сӯҳбат мекарданд, ки ман дар деҳаву кӯчаамон сӯҳбат мекунам. Радио, ки дар деҳа дӯсти қарини мардум буд, баробари намоиш саҳнаҳову ҳолатҳои таърихиро бо қиссаҳои рӯзгори мардуми ин деҳа, ки инак сари пода ҷамъ шуда буданд, ҷур мекарду ҳамоҳанг месохт… Гӯё ин мардум сокинони кӯчаи мо буданд, ки ҳар сол аввал раисро нав мекарданду баъди чанде бо гапу калоча аз кораш озод, онҳо мисли ҳамдеҳаҳои ман буданд, ки ду се нафари гӯё дар «фраксия»-ҳои гуногун муттаҳид шуда, барои ким-чизи нофаҳмое мубориза мебурданд. Ва акнун мисли он ки дар ин намоишнома буд, як «савора»-е зарур аст, ки моҷарои сари подаро ҳам дар кӯчаи мо хомӯш кунаду ҳам дар кӯчаи шумо…

# ТАҚДИМ БА МОДАР!

Ҳашт банд аз ҳазору чанд банди ногуфта барои модар!



Модар! Имрӯз рӯзи ту аст. Фардо ҳам! Фардои дигар ҳам! Ҳар рӯз рӯзи ту аст! Ва ҳар рӯзе, ки ту ҳастӣ ва сӯйи ман табассум мекунӣ, он рӯз рӯзи ман аст! Ид муборак, модари хушрӯйи ман!!!

*****

Модар! Ҳар вакт ту нонҳои гарми танӯриро ба дастам медиҳӣ, ки ба шаҳр биёрам! Ман онҳоро дӯст медорам! Онҳо бомазаанд! Ва хонаам то тамомшавии онҳо бӯйи ту мекунад! Ид муборак, модари ҳунарманду кадбонуи ман!!!

*****

Модар! Ман ҳама камиву пастиҳоро дар зиндагиям аз ту пинҳон мекунам. Замони донишҷӯиям ҳам ба ту намегуфтам, ки моро аз манзили иҷора берун мекунанд ва ё то донишгоҳ пиёда меравам! Вале ту чӣ гуна он ҳама ҳолати маро эҳсос мекунӣ? Хоб мебинӣ? Миёни ману ту гӯё пайванде нонамоёну ноаёне ҳаст! Ман ҳама чиро таҳаммул мекунам, бе ҳама чӣ метавонам зиндагӣ кунам. Аммо бе ту не! Бе маънӣ хоҳад буд зистан бе ту! Зинда бош, модар! Идат муборак!!!

*****

Модар! Ман аксатро рӯйи мизи кориам гузоштаам! Ба чеҳраи зебоят менигараму менигарам. Пиччаҳоят сап-сафед шудаанд! Аз ғами ман? Аксат руйи миз асту меҳрат дар хунаму дар дилам! Кай ба утоқи корам меоӣ, модар? Ид муборак, модари деҳотии ман!!!

*****

Модар! Дар шаҳр ба симои ҷавонони донишҷӯ менигараму лаҳзаи донишҷӯии худам ба ёд меояд. Ёд дорам, ки чӣ гуна пулҳои дар гӯшаи рӯймолат шикастаро озод мекардиву сӯям дароз! Ид муборак, модари хазинадори ман!!!

*****

Модар! Чаро дар шаҳр наметавонӣ аз чанд соат бештар бимонӣ? Медонам! Кӯчаҳои ин шаҳр буйи чаппотӣ надоранд! Дар назди хонаи ман чанори садсола нест ва ба хонаи ман мисли чашмаи шӯхи миёни ҳавлиат ҳамеша об намеояд. Медонам… Барои ҳамин ба хонаи танги шаҳрии ман меоиву нонишаста бармегардӣ. Мо инҷо на барра дорем ва на шаҳиду азизе, ки пешаш он барраро қурбон кунем! Идат муборак, модари намозиву ба дуои ман!!!

*****

Модар! Баъзан мегуйи, ки «бачам, шаҳри калон бемеҳрут кардай….» На, модар! Ман ҳар вақт ки ба зиёратат меравам, аз гармии оғӯшу нигоҳи ту, аз руйи чун кулчаҳои танурӣ гарми ту, аз суҳбату чақ-чақи ту як дунё гармиву меҳру муҳаббат мегирам ва онро… меорам ба ин шаҳр! Идат муборак, модари бамеҳру дилсӯзи ман!!!

*****

Модар! Ҳар вақти гуселам ба шаҳр ту аз пуштам то роҳи калон меоӣ! Медонам, ки дуо мехонӣ, худоро зора мекунӣ, ки маро нигаҳбон бошад. Ман бо баргашта ба пуштам нигоҳ кардан, фариштаи нигоҳбонамро мебинам - бо рӯймоли сап-сафед, бо пиччаҳои барфӣ, бо куртаҳои остиндарозу бо ашки бари рӯ ва бо дили пур аз умед аз ману аз фарзандони ман! Идат муборак, модари давлатманду наберадори ман!!!

***07.03.2013***

# ҚИССАИ ТАРКИ СИГОР



Ман ёд надорам, ки чӣ гуна сигоркаш шуда будам. Ростӣ, ба ёдам нест. Ҳоло дигар ҳамчунин намедонам, ки кӣ маро ба ин одат моил карда буд. Ҳоло натавонистам ҳамон лаҳзаи аввал, бори аввал ва эҳсоси аввали дуд кашидани сигорро ба ёд орам. Гӯё аз ҳеҷ куҷо пайдо шуда буд, ҳамон гунае, ки ба ҳеҷ куҷо боз рафт...

Далели рушан ин аст, ки ман сигор мекашидам. Ин баъди хатми донишгоҳ ва ҳатто баъди оиладории аввалам буд. Яъне, мешавад гуфт, ки агар дигарон дар беақлиҳо ва кӯдакиву наврасиашон даст ба сигор бурда бошанду побанди он шуда бошанд, ман ба қавле дар "боақлиҳо" ба тамоку гирифтор шудаам. Як муддат зиёд сигор мекашидам (рӯзе то 20-30 дона ва шояд бештар аз он!), ҳарчанд медонистам, ки инҷо на тамокуии хубу босифат ҳасту на ҳамон сигори ҷавобгӯ ба стандарту талаботи мавҷуда аст (ва ҳам на ман пули зиёд ва зиёдатӣ барои харидани он дорам). Чун дар сафарҳои хориҷи кишвар, ки сигору тамокуи аврупоиву амрикоиро ҳам таҷриба карда будаму ба қавле "мазза"-и онҳоро ҳам медонистам ва бо сигорҳои инҷоӣ метавонистам, ки қиёс кунам. Медонистам, вале онро тарк намекардам. Доираҳои журналистӣ (ва ҳам дӯстони дигари мо) бе сигору чизҳои дигар набуд ва нест ва шояд он ҳам ба одаткуниҳои ман мусоидат карда буд. Сад бор ба худам мегуфтам, ки "туро на бобокалону на бобову ҳатто на падарат сигорӣ набуд, раис набуд, шаробӣ набуд...чӣ маънӣ дорад сигоркашии туву худро шаҳриву замонавиву ғамдору ким кии дигар тарошидан....?!" Вале боз ҳам наметавонистам бас кунам. Дурусттараш тасмими ҷиддӣ барои тарки он одатро намегирифтам ва худро барои он кор маҷбур ҳам намекардам.

Сигоркашии ман боз ҳам аз он ҷиҳат сар-сарӣ ва бемаъ-

нӣ буд, ки пинҳонӣ аз наздикон буд. Тарс аз эроди модару падар, шарм аз нигоҳҳои шубҳадори бибӣ, хиҷолат аз фарзандони хурдсол, ки бӯйи сигор барояшон ба маротиб зиёновар буд, ин одати маро боз ҳам бемаънитар мекард. Дар қиёс бо ман бародари хурдиам Бахтиёр баъди аскарӣ тавонист, одати сигоркашиашро дар хонаи падар ба қавле ошкор идома диҳад ва нигоҳи ҳамаи касонеро, ки мо аз онҳо шарм ва ҳатто сари тарс доштем, нисбаташ тағйир бидиҳад ва мулоим кунад. Аммо ман қуттии сигорро ҳар вақти ба деҳа рафтан таги курсии мошину ким-куҷои дигар пинҳон мекардам, ки то яке очаам набинад ва аз атру гулобе, ки дар мошин доштам ҳамеша вақти қарор додани мошин дар дами дари падар ба бадан мепошидам. "Яке очаам вақте ки бачаи якчанд рӯз надидаашро ба оғӯш мегираду мебӯсад, бӯйи сигорро ҳис накунад...." Он вақт ё соддатар будем, ҷавонтар будем, бетаҷриба будем ё фориғболтар будем, ки ба дарку фаҳмиши ҳассосияти модар намерафтем. Дурӯғу гуноҳу одатҳои нохубамонро хеле соддаву кӯдакона таги накҳати атру гулоб карданӣ мешудаем...Ё вақте ки на ҷуръат дориву на ҷасорати ошкор кардани фақат як одату вобастагиат, чӣ кор мекунӣ сигоркашиву худнишондиҳиву кимчии дигарро?! Ҳатто баъди он, ки кам кам ҳамин чиро ҳам фаҳмидам, тарки сигор накарда будам. Баъди наворҳои даҳшатбор аз зарари сигор, баъди фаҳмидани маргу мири мардум аз ин одат, баъди чандин семинару тренингу нишасту омору ҳисобот дар ин мавзуъ ҳам ман дар андешаи тарки он одатам нашуда будам. Ҳатто даҳҳо барномаи радиоии тарсонандаву маслиҳату идеяҳои мухталифи аз ҳам куҷо ҷамъу гир кардаам вобаста ба тарки тамокукашӣ ҳам натавонист ба худам таъсир кунад ва тарки сигор кунам. Ҳеҷ чизе маро ин гуна барои гирифтани тасмими охир ва қатъӣ таҳрик надод, то

вақте ки ҳамон рӯз фаро расид....

Нашрҳои хабарӣ дар радиои “Ватан” сар аз соати 8-и субҳ аввали ҳар соат мустақиман садо медиҳад. Ман шӯхиомез баъзан мегуфтам, ки “ин курсӣ (яъне, курсии ровӣ дар радио) шояд аз камшумор курсиҳоест, ки мо (яъне, кормандони радио) онро рӯзе чанд карат ва бе ҷангу ҷанҷол ба ҳамдигарамон медиҳем...”

Он рӯз ҳам мисли ҳамеша, 3-4 дақиқа пештар аз оғози нашри аввали хабарӣ ким кадом сурудро пахш кардаму ба ҷойи доимии сигоркашии худ – зинапояҳои назди дари даромади радио рафтам. Телефонам занг зад ва дидам, ки рақами келинамон аст. Баргашта рақамҳои ӯро чидам. Садои очаамро шунидам. Дар ин фосила аз сигори нав гирондаам чанд ҳалқа дуд аллакай дар миёни ҳамон зинапояҳоро боло мерафт. Ӯ аз ҳоли Бахтиёри додарам пурсид, ки аз дина боз дар беморхонаи Қарияи боло бистарӣ буд ва аз гайморит ё сарғалтон табобат мегирифт. Модарро дилпур кардам, ки ҳолаш хуб аст, амалиёти духтурӣ хуб сипарӣ шуд, пешонааш дигар дард намекунад....ва мисли ин. Ва ҳам гуфтам, ки ҷояш хуб аст ва ҳатто таскин додам, ки духтур ҷӯраи ман аст...

Очаам ки ба тахмини мо аз ҳамон сигоркашиҳои бебаркаши Бахтиёр хушаш намеомад, баъди шунидани усули ҷарроҳии ӯ хавотир шуд ва гуфт, ки “бачам, имрӯз, ки ба хабаргириш рафтӣ, ба духтур бигу, ки ҷангуш кунад, то сигор накаша....Дуд акнун рост мағзи сараш мерава...”. Гуфтам, ки ҳатман ба духтур аз ҳамин мавзӯи ташвиши шумо хоҳам гуфт. Дар ҳама фосилае, ки ин гапу чап сурат мегирифт, ман сигор дуд медодам...Оҳиста дудро фурӯ бурдаву оҳиста берун мекардам, ки “мабодо очаам нафаҳмад...” Дар ҳамин ҷойи сӯҳбат очаам ғайриинтизори ман пурсид, ки “бачам, як дору будаст, ҳар каси сигоркаш агар онро

ёфтаву мехӯрдааст, дигар тарки сигор мекардааст, баъди он дигар сигору тамоку намефоридаст ба ӯ...” Ман чизе ба ин монанд кучҷое шунида будам, вале боз ҳам мушаххас, ки дар бораи будани он дору намедонистам, гуфтам, ки “рости гап, намедонам, ки ин гуна дору ҳаст ё не?!” Ва ҳам пурсидам, ки “аниқ ҳаст, ҳамин гуна дору?” Очаам супориш дод, ки ман дар бораи ҳамин гуна дору ҳам аз он духтур, ки имрӯз мебинамаш, пурсам. Ваъда кардам, ки ҳатман мепурсам. Очаам баъди ин (акнун фикр мекунам, ки ҷой ва пайти муносибтаринро тули моҳу солҳои тӯлоние, ки дар бораи сигоркашии ман медонистааст, пайдо карда) гуфт, ки “ҳамон доруро аз духтур пурсу баъд дуто хар аз ҳамон. Яктоаш барои додарату яктоаш барои худат...”
Воҳ. Очам сигоркашии маро медонистааст-ку!

Он дуде, ки ҳини шунидани ҳамин ҷумла дар гулӯям буд, дар шушҳоям буд ё намедонам дар кучҷо буд, дигар хеле ба сахтӣ берун шуд. Дилам сахт ба очаам сӯхт, ки шояд моҳу солҳои мадиде ҳамин рӯз, ҳамин лаҳза, ҳамин ҷой ва макону ҳолати мувофиқро пойидаву интизор шудаву бадтар аз ин - он ғамро дар дилаш гирифта гаштааст...

Ман намедонам, ки ӯ ин муддат чӣ фикр мекардааст: “бачам ягон ғам дорад, шояд ӯ тарки одат карда наметавонад, агар гӯям, яке шояд хафа мешавад, шояд ба ӯ, ки сиву чанд сола асту гӯё мустақил аст, сахт мерасад...” Ва боз шояд саду як фикри дигар очаамро нагузоштааст, ки ҳамин гапро бо ягон тарзи дигар барвақттар ба ман гӯяд. Ва ҳам як одати хеле зебандаву хубу шоистаи очаи ман ҳамин буд, ки гапҳои бемантиқу ночаспону подарҳавову камтаъсир намегуфт... Ва дар ҳамон лаҳза шояд очаам медонист, ки ин суханаш, ин тарзи баёнаш, ин гуна эроду шикояту дархосту талабаш бештар дархур аст, ба ман таъсири амиқтаре хоҳад гузошт.

Ҳамин тавр ҳам шуд, нашри хабарӣ тамом шуд, ман пештар аз онки ба студияи радио барои идомаи барномаи саҳарӣ ворид шавам, ба утоқи кориам даромадам, фурӯзина ва қуттии сигори ESSE-ро дар кунҷи мизи кориам гузоштаву пеши худам (ва баъдтар пеши ҳамкорону хонаводаам ҳам) ваъда кардам, ки “тамом, ман дигар сигор намекашам”. Ва дигар сигор накашидам...

Усули “табобатӣ”-и очам ба ин ҳад таъсирбахш буд, ки ҳатто баъди як муддати каме бемориву поёну боло рафтани фишори хунам ҳам, дигар баргашта ба сигор рӯ наовардам. Фақат баъди чанд сол боре, вақте ки дар деҳа - дар сӯҳбати очаам менишастам ва ҷойи ҳамин гап омад, қоил шудам, ки “оча, ман сигоркаширо ҳамон сол баъди ана ҳамин гапи шумо бас кардам...”

Ҳоло бошад ҳамеша ҳамин гуна фикр мекунам, ки ҳама роҳу усули тарки сигор, ки саду як духтуру равоншиносу табиб пешниҳод мекунад, ҳеҷ таъсиру арзише пеши ҳамон усули соддаву таъсирбахшу оқилонаву одии очаи ман надоранд...

# МИЁНБАНДИ САБЗИ МОДАР



Модарам замоне ки ҳам мо хурдсол будему ҳам ӯ саломат буд ва аз сиҳатиаш шикоят надошт, дар ин бора намегуфт. Ба ёдам нест, ки ӯ ба ҳамин мавзӯъ аз кадом вақт таваҷҷӯҳ мекард. Вале мушаххас аст, барои хулосаҳое, ки вақтҳои охир дар ин бора дошту мегуфт, як дунё далел дошту қариб як умр ҳар амалу рафтори мо – фарзандонашро омӯхта будааст. Акнун фикр мекунам, ки модарам шояд дар вақти ширкат дар ҷанозаи кадом зани дигаре бо наззораи он ҳолат дар бораи худаш ҳам фикр мекардааст. Ба духтаронаш гуфта будааст, ки “дар ҷанозаи фалонӣ тоқиву ҷомаи писарони ӯ бисёр хушрӯ буд... Фарзанд дар ҷаноза ҳамин гуна ҷомаву тоқӣ пӯшад...”

Ман он вақт ин “орзӯ”-и модарамро намедонистам. Ва ҳоло ҳам ҳайрон мешавам, ки магар мешавад зане ё касе ҳамин гуна “орзӯ” дошта бошад? Ба худ акнун меандешам, ки як зани тозакору дилсофу покиза ва эҷодкор мехостааст, ки дар баробари онки ошхонаву аловхонааш тозаву васеъу покиза аст, дар баробари онки нону обаш бомазза аст, дар қатори онки гапу кору амалу ҳаракаташ оқилонаву хосса аст, дар бораи “зебову диданӣ” шудани рӯзи видоъ ё охирин рӯзи ба қавли мардум “рӯйи дуконаш” будан ҳам фикр мекардааст. Худ ба худ. Хомӯш ва бесадо. Вале бо ҷасорат. Дақиқан бо ҷасорате ки ҳатто шояд бештари мардҳо надошта бошанд... Ҷасорате доштааст дар як дили дардманд, ки аз аввал пур аз меҳру самимият буд. Нишони чӣ метавонад бошад, ҳамин амал, ки пештар аз омадани ман қариб ҳар вақти бемориву нотобиаш ба келинҳо мегуфтааст, ки “ҷойхоби бемории маро ҷамъ кунед...” Ҳо, боз бачаш аз шаҳр наояду бинад, ки модараш касалу бемор аст ва зиқу озурда шавад... Он бачаеаш, ки кимкай ҳукмаш кард буд, ки “Субҳон бе ҳиррик аст... Кадом

вақте ки ман мурдам, маро рост кунеду дуруст ё омода ва баъд Субҳона фарёд кунед...” Ба ҷуз бузургиаш дигар ин чӣ метавонад бошад, ки ҳама чӣ дар зиндагӣ ва ҳатто дар охирин нафасҳояш ба қавле аз рӯйи “сенария” –и худаш шуд. Субҳони бе ҳиррикашро чанд дақиқа пас аз гузаштаи модар телефонӣ хабар карданд, ки “Дигар модарат нест, миёнта банд...”

Ба ёдам нест, ки он рӯз шанбе буд ва ё якшанбе. Рӯзҳои аёдати модарам аксаран ҳамин ду рӯз буд. Ман ба деҳа рафта будам. Рӯйи кати долонаш дар ҳамон ҷойи доимии худаш менишаст. Бояд гуфт, ки модарам ҳам дар хонаи худаш, ҳам рӯйи кати долону болои кати ҳавлӣ фақат дар як ҷой менишаст. Ин одат буд ё чизи дигаре, ҳоло ҳам намедонам. Аввалин сухани баъди саломи модарам “бачамда хурок биёрен” буд. Ва дуюмин эродаш ба келинҳо баъди кушодани дастурхон ин буд, ки “куҷо шуд хуроктон? Бачам аз нон сер шуд!” Ин дар ҳоле буд, ки мо ҳатто замони бехонагиҳову гушнагиҳои донишҷӯиямон дар Душанбе дар аввалу миёнаи солҳои навадуми асри пор як даҳон ҳам ба модарамон аз гушнамонданҳову бехона буданҳо намегуфтем. Медонистем, ки дили ҳассосе дорад...

Он рӯз баъди хурок ба келинаш фармон дод, ки ҳамон пораи матоъро биёрад. Ранги сабз дошт он матоъ. Фақат баъди он, ки модарам гуфт: “бачам, ҳамира ку дар миёнут як бор банд!” Фаҳмидам ки ӯ чӣ “нақша” дорад. Ва ҳар қадар, ки исрор кард, он матоъро дар миёнам набастам. Натавонистам, ки бандам. Акнун ҳис мекунам, ки ин давоми ҳамон фикру зикри зебо рафтанаш будааст. Мехостааст ки бачаҳояш- ҳамон чор бачае, ки “барои чор гӯшаи тобутам таваллуд кардаам” мегуфт, рӯзи видоъ бо модарашон ҷомаву тоқӣ дошта бошанду миёнашон бо ҳамон миёнбанде аз матоъи сабз баста бошад. Ду пояи тобуташ агар дар

китфи ману Бахтибек буд, ду пояи дигари он, ки бояд ҷойи исти Бурҳону Бахтиёр буд, холӣ монд... Бурҳону Бахтиёри муҳоҷири корӣ, ки модараш ҳар субҳу нимрӯзиву шом барояшон гиря мекард ва ман сад бор шунида будам, ки мегуфт "бачаҳом ягончӣ хӯрда бошанд?"

Аввалин рӯзи тирамоҳи соли 2018 баъди шунидани шумтарин хабари даргузашти модар чӣ гуна мошинсавор ба деҳа рафтам, ба ёдам нест. Пеши пойҳои сарду варамидааш афтидам. Ду духтаре, ки "барои гиря кардан дар ду канорам" мегуфт, дар ду канораш буданд. Бори аввал буд, ки модарам бо ман гап намезад, ба келинҳо супориш намедод, ки "бачамда хурок биёред!" Намепурсид ки "духтари қишлоқравакта наовардӣ?" Ва ба ёдам нест, кӣ буд, ки ҷомаву тоқӣ овард ва ҳамон миёнбанди сабзи модарам поракардаро ба миёнам баст... Дар дил фиғон доштам, ки "хез акнун, оча, бачаат дар ҳамон сурату либосе ҳаст, ки мехостӣ бубинӣ... Миёнбанди сабзи пешакӣ омода кардаатоpo акнун ба миёнам бастам..."

50 рӯз он миёнбанди сабз дар миёнам буд, гӯё миёни аз дарду ғам шикастро баста нигоҳ медошт, гӯё дасти ба меҳри модарам буд, гӯё ҷойи шикастаи диламро пайванд буд ва гиреҳаш гӯё аввалин гиреҳи зиндагии бе модар буд...

## ДОНИШҶӮЙИ МАН

# ЯГОНА АВТОБУСИ ФАЙЗОБОД-ДУШАНБЕ ВА НИГОҲИ ФАРИШТА



Ман баъди хатми мактаби миёна як сол ба мактаби олӣ нарафтам. Дар деҳа будам, канори волидон. Як каме дар як қаҳвахонаи хурде, ки дар дохили Қасри Фарҳанг буд, кор карда будам. Ин соли 1994 буд. Он вақт ҳам ба Душанбе барои ину он чиз меомадем. Ҳарчанд оромии комил набуд ва дар масири Файзобод-Душанбе постгоҳи зиёде ҳам мавҷуд буд. Аммо ин омаду рафти ман аз омаданҳову рафтанҳои Душанбе дар соле баъдтар тамоман фарқ мекард. Соле баъд ман аллакай донишҷӯ будам. Аввал ба як факултаи дигари Донишгоҳи миллӣ, баъдтар барои дохил шудан ба Академияи милиса омодагӣ гирифта будам. Вале дар охирин рӯзҳои ҳуҷҷатсупорӣ новобаста ба он, ки қариб як моҳ комиссияи низомӣ-тиббиро гузашта будам, фикрамро дигар кардаву ба шуъбаи радиофизика ва электроника, факултаи физикаи Донишгоҳи Давлатии Тоҷикистон ҳуҷҷат супоридаву донишҷӯ шудам. (Ду озодии муҳиме ки волидонамон, махсусан очаи хушрӯямон барои мо - фарзандон, дода буданд - яке озодии интихоби касб ва дигаре озодии интихоби ҳамсар буд).

Соли 1995. Ноороми набуд, вале оромии комил ҳам набуд. Гушнагӣ ҳам, ки набошад, вале мушкили нону хонаву пул, мисли он ки ҳамеша ҳаст, мавҷуд буд. Модарам пинҳон намекард, ки хеле мехост,  бачаш донишҷӯ шавад. Ва ҳатто тахмин мекунам, ки бароящ он қадар муҳим набуд, ки ин факултаи физика аст, факултае, ки дар он ҳамон вақт (шояд ҳоло ҳам) ба назари худам, онҷо фарзандони ду табақаи мардум таҳсил мекард – фарзанди коргару деҳқон. Ё шояд дарк мекард, ки фақат мардуми мо орзӯ дорад фарзандонаш фақат ҳуқуқшинос шавад ё иқтисодчӣ, дар дигар кунҷу канори дунё касбу корҳои сердаромаду бозоргиру маъруф дар факултаву муассисоти техникӣ ва улуми дақиқ аст. Ё шояд медонист, ки мактаби олӣ дигар асту мактаби инсоният ва одамгарӣ тамоман дигар.

Замони донишҷӯии мо ду мушкили асосӣ дошт: хона барои зисти муваққатии ман дар Душанбе ва роҳкиро барои омаду рафт ба дарсу ба хона. Барои ман он замон аслан либоси ба муд мувофиқу ғизову фароғат ҳеҷ авлавияту бартариву муҳимият надоштанд (мисли он, ки ҳоло ҳам надоранд). Маро ҳамеша аз куҷое пул ёфтану ба ман вақти ба дарс омадан онро дароз кардани волидонам, махсусан модарам, ҳайрон ва фикрӣ мекард. Кори даромадноке ҳам надоранд. Ягон тиҷорату манбаи иловагии даромад ҳам нест. Мо замину гову молу боғу роғ ҳам надорем. Ва шояд ҳамин чиз маро хеле шикастанафсу сарфакор карда буд. Ба Худо, дилам намешуд бо пулҳои меҳнативу ҳалоли волидонам замони донишҷӯйӣ чизе ба қавли мардум ғайр аз нону чой ва муҳимоти дигари дарсӣ бихарам. Он вақт ҳиҷ одати баду нохубу серхарҷ ҳам надоштам. Фикри пул ёфтани волидонам ҳамеша мағзи маро машғул медошт, маро ба амиқ андеша кардан, ба қарорҳои дуруст қабул кардан водор мекард.

Ёд дорам, ки замони донишҷӯии мо покетҳоеро, ки он вақт аз халтаҳои орд медӯхтанд, воситаи боркашонӣ ва хӯроки якҳафтанаи донишҷӯёни ҳамнасли мо буд. Ҳар ҳафта онро холӣ меовардему аз ин сӯ пур аз картошкаву пиёзу нону кадом ғизои дигар мебурдем. Борҳо шуда буд, ки то соати 6-и субҳ, яъне, то раҳсипор шудани он автобус нону кулчаи модари ман мепухт ва ман ба шаҳр нони гарми танӯрӣ мебурдам. Тасаввур мекунед, очаам ин қадар ҳавсала доштанд. Кай хамир мешӯриду кай он хамир мерасид, кай танӯр метасфид...Намедонам. Баъдтар фаҳмидам, ки нонҳои очаам маззаву бӯйи дигар доранд, ки то тамом шуданашон бӯяшон хонаамро пур мекунанд. То замоне, ки дар қайди ҳаёт буданд, ҳамин одатро доштанд, ки ҳатман ба сумкаву покет ва ё баъди мошин доштанам, дар курсии пеши мошин як нони худашон пухтаро

мегузоштанд. “Бачаам, очаат бо кай нон мепазад?” Ҳамин ҷумларо ман сад бор шунида будам.

Он замон хобҳои мо ҳам ширинтару роҳаттар буданду соати очаам ҳамеша ба қавле соате пештар. Зеро, ҳар вақте ки субҳи солеҳон маро бедор мекард, ҳамон соатеро мегуфт, ки аз соати воқеии девори хона як соат пештар буд. «Хез, бачам, соат 6 шуд, автобуси Насим рафт...» Дар ҳоле, ки соат ҳоло 5 аст ва берун аз тирезаи хонаи хоб ҳоло тип-торик. Ман дар кишварҳои гуногуни дунё субҳро ҳамин гуна барвақт, субҳонаро сари дастурхони пур аз нозу неъмат ва дар беҳтарин меҳмонсароҳои дунё ҳам истиқбол гирифтаам. Вале акнун дарк мекунам, ки беҳтарин субҳ ҳамоне будааст, ки очаам маро аз хоб бедор мекард ва бомаззатарин субҳона ҳамон ордбирёни дастпухти очаам будааст, ки на аз ону на аз инаш сер нашудем...

Субҳон - номе будааст, ки очаам замони интизори фарзанд будан онро дӯст доштааст. Аз забони ӯ шунида будам, ки гуфта буд, “ҳамин ном яке ба гӯшам ширин расид...” Ва ҳам ҳамин ном ҳис мекардам, ки он вақт хеле кам буд. Масалан, ман дар мактаби миёна фақат боз як Субҳони дигарро медонистам, ки ҳамсоли мо будаву дар синфи дигар мехонд. Тамом. Ва баъдҳо ҳам очаи ман ба ному номгузорӣ ва мазмуну маънии номҳо аҳамияти хоса медод. Номи ҷиянҳову набераҳояшро аксаран худаш интихоб кардааст. Мақсуду Хушнуду Ҷовид, Шодмону Усмон, Шукрона, ва номи боз чанде аз ҷиянҳои мову набераҳои очаамро ӯ худаш гузоштааст. Очаам хотираи устуворе дошт. Масалан, ман ҳайрон мешудам, ки ӯ зодрӯзи тамоми набераҳояшро медонист ва фаромӯш намекард. Чанд бор шунида будам, ки модарам мегуфт “Эҳсон ҳам номи хуб аст...” Ва ман писари хурдиамро ба хотири ҳамин гуфтаи очаам Эҳсон ном гузоштам. Яъне, ин

ҳам номест, ки очаам хуш дошт. Аммо худи ӯ ду ном дошт – баъзе хешу табор ва кампиракони ҳамсоя ӯро Гадобегим мегуфтанд ва дар ҳуҷҷатҳо очаам Тӯйдигул ном дошт. Қиссаи Гадобегим номидани модарам ҳамин будааст, ки пештар аз ӯ бобо ва бибии ман чандин фарзанди худро аз даст медиҳанд. Онҳо бузург нашуда, мефавтидаанд. Ва модарам баъди саду як назру ниёзу зораву гадоиҳо пеши Худову азизони Худо тавлид мешавад ва бузург мегардад. Гадобегим номи ҳамон замоне будааст, ки бобову бибии ман дар орзӯи фарзанд будаанду ин духтаршон ба ҷонашон баробар. Зинда мондану бузург шудани он духтар воқеан ҳам барои Сӯфӣ Муроду кампири Анор ва Қаландару Иззатмоҳ ТӮЙ будааст. Мо фарзандон – Субҳону Бурҳону Бахтибеку Фирӯзаву Бахтиёру Саодатем. 6 фарзанд.

Аммо автобусе, ки мардумро ҳамон солҳо аз ноҳия ба пойтахт меовард, 1-то буд. Миёни мардум бо номи “автобуси Насим” шинохта шуда буд. Субҳи барвақт – соати 6-и субҳ аз Файзобод ба Душанбе меомаду аз ин сӯ соати 13 бармегашт. Автобус ҳамеша пуродам буд. Кори ду ходими он автобус замоне, ки чандин постгоҳу тафтишу санҷиш ва фаровардану саворкарданҳоро бояд мегузашт, ба гумонам мушкил буд. Вале аз он ҳам мушкилтар хаёлам барои очаи ман ва очаҳои дигар буд – он автобус мерафт, вале нигаронӣ ва ташвиши роҳ хаёлам то ду се соати дигар дар дили очаҳо мемонд. “Расид бачам, нарасид? Нафаровварда бошанд ӯро аз автобус?”

Ҳанӯзам пеши рӯям аст, ки чанд пул падарам медоданду модарам то сари кӯчаи калон гоҳ бар ба бараму гоҳе аз пуштам меомад. Ва борҳо очаам аз кафи дасташ пулҳои намшудаву печидаву қатъшударо сӯям дароз мекард. Пинҳонӣ аз падар. “Не оча, дорам, аз падарам пули роҳ гирифтам. “Бигир, бачам, ту студентӣ, даркорут

мешавад...” Аз куҷо, чӣ гуна, чӣ хел ҷамъ мекард онҳоро намедонам. Ҳамон вақт ҳис мекардам, ки чаро баъзан очаам ё шом ва ё субҳи барвақт ба хонаи ин ё он ҳамсоя медарояд. Барои онки бачаи студенташ бе роҳкиро намонад. Мефаҳмидам ман инро ва ҳам фикр мекардам, ки ҳоло барои баргардонидани ин ҳама ғамхориву меҳрубониву азхудгузаштагиҳои очаам, барои гуфтани ҳарфи сипосу муҳаббат ба ӯ вақт меёбам, фикр мекардам очаи ман ҳамеша дар бари ман хоҳад буд. Аммо афсус, ки ба қадри якрӯза раҳкирои ҳамон автобус ба очаам хизмат накардам, натавонистам.

Мани донишҷӯро агар соати 5:30 то сари роҳи калон меовард, фақат баъди ним соату як соат, ҳини ҳаракати автобус аз истгоҳи асосии нақлиёт ва аз пеши ҳамон роҳи калон гузаштани автобус медидам, ки очаам дар ҳама фасли сол, ки шамоли Файзобод мевазаду бодрӯву баргу чангу хокро ба сару рӯ мезанад, таги як куртаи чит аз пеши назараш гузаштани ҳамин автобусро интизор аст...

Ҳоло ҳам ҳар вақте ки аз ҳамон роҳи калон акнун бо мошини худам ба Душанбе меоям, ҷойи дуову гуселу исту қарори очаам ба ёдам мерасад. Ҷойи холии нигоҳаш низ, мисли нигоҳи фариштаҳо...

# МОДАР ВА КАМПИРАКОНИ КУЧАИ МО



Фикр мекунам, очаи ман тамоман дигар ва ба касе монанду шабеҳ набуд. Айнан ҳамон гунае, ки ҳар каси дигар ҳам фикр мекунад модари ӯ дигар буд, беҳтарин буд, ягона буд...

Аз рӯзе, ки мо сари ақл омадем, медидем, ки ҳамеша дугонаҳои очаам, меҳмонони ӯ дар хонаи хоксоронаи мо - кампиракони кӯча, занҳои калонсолу таҷрибаи рӯзгордоштаи маҳалла ва атрофи он буданд. Кампири Ороста, кампири Нозила, кампири Савлат, кампири Қиммат, кампири Ёдгорӣ, кампири Идимоҳу апаи Зулфия, апаи Сайрам ва мисли инҳо. Дугонаҳои қариб ҳамсину соли худашро ҳам дошт, очаи ман, мисли апаи Ҳомияву апаи Гулчеҳраву апаи Маҳрамой. Акнун фикр мекунам, ки барои зани ҷавоне, чун очаи ман дар сӯҳбат бо кампиракони дунёдида мавзӯйи ҷолиби суҳбат доштан осон набуд. Ҳоло меандешам, ки очаи ман барои онҳо, ки кампиракони тақводору бо тамкину андешаманд буданд, ҳамсуҳбати хуб будааст, мисли он ки очаам ҳам ҳамнишинӣ бо онҳоро хуш доштааст. Дар акси ҳол ё онҳо аз очаам хаставу дилмонда мешуданд ё завқи ҳамнишинӣ бо онҳо аз дили очаам мерафт. Медидем, ки бо ҳар кадоми онҳо очаи ман бархурди мувофиқи табъу хоҳишашон дошт. Медонист, ки кадоми онҳо чойи сабз менӯшаду кадомашон чойи сиёҳ, кадоме дар хуришу нагул чи навъи кабудиву алафро хуш дорад ё баракс, хуш надорад!?

Ҳоло ҳам ҳамин чиз маро ҳайрон мекунад – дар ҷавонӣ на мисли дигарон будан, дурӣ аз ҳар чизе, ки хоси як зани ҷавон асту осоишу фароҳ ёфтан аз сӯҳбати кампиракон. Шояд дар он ҷавониҳо очаи ман аз суҳбати онҳо чизе меёфт, шояд ба кадом саволаш маҳз онҳо метавонистанд ҷавоб гӯянд, шояд чӣ сиреро мехост дарк кунад, шояд чун одате, ки ҳамеша дошт, мехост беҳтарин шаклу

сурату намунаро барои пириҳои худаш аз он кампиракон бигирад... Медонист ё намедонист, ки пири пир намешавад, шояд вақте ки онҳо қиссаи дуру дарозеро майдаву бо тафсил нақл мекарданд, ҳамроҳашон дар кӯчаҳои таҷриба ва пириву солории онҳо қадам мезад... Чизи дигари бароям муаммо ҳамин буд, ки очаи ман қариб, ки ба хонаи онҳо намерафт, ӯ ҳамеша ва ҳар рӯз онҳоро интизор буд. Нишастҳову сӯҳбатҳову ҳамсояшиниҳои он вақт ҳам баракати дигар доштааст, ки акнун пайхас мекунам.

Орзӯҳои кӯдаконаи мо ҳам шояд бо назораи ҳамин манзараҳои ҷолибу диданӣ шакл гирифта бошанд. Якеаш ин буд, ки модари ман кампири солдидаву озодаву шояд асобадасти хушсухане бошад, ки дар канорашу лаби дастурхонаш бишинаму қиссаҳои кампиронаи ӯро гуш кунаму... Дастони ларзонаш ба гарданам мисли онки ҳамеша буд, ҳалқа бишаванд ва ин ҳолатҳоро саду як сурат бигирам. Вале афсус...

*Бемори аҷал ба дору тадбир нашуд,*

*Дарвоза ба рӯйи марг занҷир нашуд.*

*Кардам ҳаваси очаи кампири ба нур,*

*Ин очаи хушқомати ман пир нашуд...*

Аҷоиб замону аҷиб инсонҳое буданд. Аз ҳар рӯз бо ҳам нишастан хаста намешуданд, ҳар рӯз мавзӯйи наву ҷолиб доштанд, дастурхонашон ҳамеша пур буд. Боре нашунида будам, ки падарам аз ин суҳбатҳои кампиракону очаи ман эрод гирифта бошаду чизе гуфта бошад...

Ёдам ҳаст, ки кампири Савлат чандин моҳ дар хонаи мо зиста буд. Чӣ буду чӣ шуд, ки як муддат хонаи духтарашро бо хонаи мо иваз кард. Хонаи мо, ки дар канорашу пушту

пеши он саду як хонаи дигар ҳам буд. Ва ин ҳолат то замоне идома ёфт, ки кампирро ҳамдеҳаҳои бо нангаш паҳлӯйи худашон бурданд. Ҳоло ҳам ёди ман ҳаст, ки чи тавр очаам сару рӯйи ӯро мешусту мӯйҳои камшудаи ӯро равған мекарду мебофт. Ман пайваста лаҳзаҳои меҳрубонии очаамро дида будам. Ҳавсалае, ки очаи ман дошт, ҳоло тахмин мекунам, ки шояд кам арӯсону занҳои ҷавон дошта бошанд. Ва ҳам ман кам надидам модарони хору зореро, ки ба радио-ба ҷойи кори ман барои шикоят аз рӯйи фарзандони худашон омада буданд. Онҳо кору амалу рафтореро, ки фарзанди тавлидкардаашон барояшон раво дида буд, бе ашки шашқатор наметавонистанд ба ёд оранд.

Бо ба ёд овардани ҳамин ҳолатҳо меандешам, ки наметавонад инҷо кадом робитае, кадом ҳиссе ё кадом нерӯ ва қуввае набошад. Намешавад, ки бе ягон пайвастагие қиссаҳои кампиракони солдида ба завқи як зани ҷавоне, ки як ду бачаи хурдсол ҳам дошту саду як ташвиши дигар ҳам, мувофиқат кунад. Чизе инҷо ҳатман бояд буда бошад, ки онро очаи мо ҳеҷ вақт нагуфта буд ё шояд дурустараш мо ҳеҷ вақт аз ӯ напурсида будем.

Кампири Нозиларо ҳам ман хуб ёд дорам. Либоспӯшиҳо, калушҳои по, тангаву овезаҳо ва қиссаҳои ҷолибашро ҳам. Ҳоло ҳам ба хотир дорам, ки вақти меваву ҳосил ягон боре моро ба ҳавлиаш даъват мекард, ки себу ноку чормағзҳои аз зӯрии шамоли Файзобод афтидаро барои худамон ҷамъ кунем. Чун кампири Нозила танҳо мезист, ҳамеша кулбаи хоксоронаи ӯ барои мо як ҷузъе аз ҳамон афсонаҳои шунидаамон, як хонаи шояд пур аз асрори нокушода ва тарсдору рамздоре буд, ки мо ҳам бузург шудему аз он хона ҳам дигар чизе намонд, вале даруни онро надида будем... Вақти набудани кампири Нозила ҳам дар хонаи мо номи ӯ буд ва ҳамон се-чор пиёлаи калону сурху зебо то

шикастанашон "пиёлаҳои кампири Нозила" ном доштанд.

Онҳоро кампири Нозила аз сандуқаш оварда буд. Очаам нақл мекард, ки кампири Нозила ҳеҷ ба ҳамон пиёлаҳои хурдакаки хонаи мо – хонаи навхонадорон, ки ба тозагӣ ба қавли мардум "хона ҷудо карда буданд" одат намекунад. Ё суҳбатҳо ҷолибу шавқовар буданд, ё чойҳои хушки он замон бо сифату бомазза, ё шояд як пиёла чойро ҳам бо меҳру муҳаббат нӯши ҷон мекарданд, ки бо он пиёлаҳои хурдакак ҳувваи кампир аз чой намешикастааст. Ва шояд ҳис мекунад, ки эродаш ба харидории пиёлаҳои калонтар наовард, ё шояд мехоҳад, ки як ҳисса аз баракати сандуқаш дар хонаи мо ҳам бошад, ки чанд дона пиёла ба хонаи мо меорад. Хаёлам мо ягон чиро он вақт мисли пиёлаҳои кампири Нозила эҳтиёт намекардем. Ин шояд ҳам масъулият буду ҳам эҳтиром. Ҳар вақте ки ӯ меомад, очаам ҳатман дар ҳамон пиёлаҳо барояш чой мерехт...

Барои очаи ман ҳамсӯҳбати хуб хеле муҳим буд ва мо ҳис мекардем, ки дар меҳмониҳои серодам, дар сӯҳбати пайвандон, ки сину соли гуногун, завқ, сатҳи донишу фаҳму дарки мухталиф доштанд, очаамон бештар ба ҳамсӯҳбатони босавод, бо тамкин, доно ва оромтабиат бартариву авлавият медоданд. Худашон ҳам барои ҳамин гурӯҳи занҳо ҳамсӯҳбати арзанда мешуданд, ки суханро вазн кардаву санҷидаву фикр карда мегуфтанд...

Ҳоло фикр кардаву баргашта бовар мекунам, ки очаам дар ҳамсоядориву ҳамнишинӣ аз беҳтаринҳо будааст. Ҳанӯз ҳам дугонаҳои ӯ, ҳамсояҳои имрӯзиву қаблии мо ба ёд меоранд, ки чӣ гуна ҳамнишинӣ бо апаи Туйдигул омӯзанда буду хотирмон, чӣ гуна маслиҳату тавсияҳои ӯ дар идомаи зиндагиашон кор омад, ҳоло ҳам мақолу қиссаву зарбулмасалҳоеро, ки очаи ман хеле бисёр азёд медонист, ёд доранду ба забон меоранд...

Бо апаи Маҳрамой очаи ман ҳамсинф буданд. Баъди чандин сол онҳо ҳамсояи мо шуданд. Ман ҳар ҳафта - рӯзҳои истироҳатӣ медонистам, ки очаи ман ҳоло дами дарвозаи мо ё бо апаи Ҳомия ё бо апаи Маҳрамой интизор нишастааст. Оши туппаи муштараки онҳо ки пайваста боиси сари як дастурхон ҷамъ шудани ҳамсоязанҳо мешуд, шояд чум-чӣ қадар лаззат дошт. Ба назари ман ки маҳз ҳамон ҳамсоягиҳо, эҳтироми дӯстӣ, поси хотирҳо ва рафту омад - намунаи олии инсонӣ ва арҷгузорӣ будааст.

Ман ягон вакт моҳҳо очаамро хаставу афсурдаву норохат надида будам, мисли моҳҳои аввале, ки апаи Маҳрамой аз олам гузашту ҷояш дар канори очаи ман холӣ шуд. Шояд очаам ҳам барои касе - ҳатто аз наздиконаш ҳам ба он ҳад ашк нарехта бошад, ки барои дугонаву ҳамсинфу ҳамсояш - апаи Маҳрамой рехта буд. Як рӯзи ҳамин гуна ҳолати фишорбаландиву афсурдагиву нороҳатиаш буд, ки ман ба аёдат рафтам. Аз наздиконам пурсидам, ки “бо очаам чӣ шуд?” Писари ҳамсоя барои рӯйи гӯри модараш - апаи Маҳрамой санги мармар овардааст ва очаам инро дидаву маҷбур кардааст, ки бордони мошинро кушоянд ва ӯ бихонад, ки дар рӯйи санги гӯри ҳамсинфу дугонааш чӣ навиштаанд...

Ва имрӯз гӯри очаи ман дар гӯристони Сари Чашма, атрофи Қалъаи Сангин дар сари роҳ аст ва ҳар раҳгузар, агар ба санги рӯйи он гӯр зеҳн монад, мехонад, ки:

*Модар бигузашту як дилогоҳ намонд,*

*Як дидаи интизор дар роҳ намонд.*

*Вақте ки хазинадори даргоҳ намонд*

*Дар хирмани умри мо ба ҷӯз коҳ намонд...*



Ман, Ҷалилов Субҳон Ҷӯрабекович, 26 декабри соли 1977 дар ноҳияи Файзобод, дар оилаи коргар ба дунё омадаам. Аз соли 1984 то соли 1994 дар мактаби миёнаи таҳсилоти умумии №1-и ҳамин ноҳия таҳсил кардам. Соли 1995 ба шуъбаи радиофизика ва электроникаи факултаи физикаи Донишгохи Давлатии Миллии Тоҷикистон дохил шуда, онро соли 2000-ум бо ихтисоси «муҳандиси соҳаи радиофизика ва электроника» хатм кардам.

Аз моҳи августи соли 2000-ум то моҳи ноябри соли 2002 дар идораи барномаҳо барои ҷавонон ва наврасони Радиои Тоҷикистон ба ҳайси муҳаррир, ҷонишини сармуҳаррир ва иҷрокунандаи вазифаи сармуҳаррир фаъолият кардам.

Соли 2004 дар Радиои «Ватан» фаъолияти худро ба ҳайси муҳаррири идораи мусиқӣ ва фароғатӣ оғоз кардам. Як муддат ба ҳайси сармуҳаррири Идораи барномаҳои мусиқӣ ва фароғатӣ кор кардам. Баъдтар чанд сол директори барномаҳои радиои «Ватан» будам ва аз моҳи ноябри соли 2020 дар мақоми директори кулли радиои «Ватан» фаъолият дорам. Аз соли 2004 муаллифи шоу-барномаи саҳарии «Субҳи Ватан» ҳастам. Иловатан муаллиф ва гӯяндаи гуфторҳои зиёди радиоӣ, мисли “Ҳуқуқи ман”, “Молияи ман”, “Гулбоғи сухан”, “Ахбори молия ва иқтисод”, “Гуфтугӯҳои кишоварзӣ” ва барномаҳои телевизионии “Лаззат”, “Интеллект Шоу” ва “Пухту Паз” будам.

Барандаи Ҷоизаи Иттифоқи журналистони Тоҷикистон ба номи А.Лоҳутӣ, «Аълочии фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон” «Аълочии телевизион ва радио», нахустин барандаи Ҷоизаи Шӯрои ВАО-и Тоҷикистон бо номи “Эътимод” ҳастам.

Субҳон Ҷалилов
https://subhonjalilov.wordpress.com

**Аз қалъаи дил то Қалъаи Сангин**

Муҳаррир:
**Ҷӯрабек Муъмин**

Саҳифабанд: **Сафарбек Кабиров**
Муаллифи тасвири муқова: **Далер Миҳтоҷов**
Рассом: **Насим Шоев**

*Муаллиф барои кумак дар таҳия ва нашри китоб ба Ҳабибуллои Мирзошариф, Ҷонoнбек Ҷалилов, Фаррух Зиёзода, Абдулазизи Восеъ, Алиҷон Ҷалилов, Далер Имомалӣ, Фурқати Низом ва ҷамъи дӯстону наздикон изҳори сипос менамояд.*

ISBN 978-99985-64-11-4